*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 20 (12348)
19 майи
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



## Дониш - кафолати зиндагии шоиста

**Нуктаҳо аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таълиму тарбия**

*Мактаб барои миллати бостониву тамаддунсози мо парваришгоҳи илму дониш, сайқалгоҳи ақлу хирад ва боргоҳи маърифату адаб ба шумор меравад.*

***

*Мактаб макони муқаддасе мебошад, ки фарзандони мо дар муҳити он соҳиби саводу маърифат ва илму дониш мегарданд, мероси гаронбаҳои таъриху фарҳанги халқамонро аз худ мекунанд, сабақи ватандӯстиву оини ватандорӣ мегиранд ва ба туфайли он дар ҷомеа мақоми арзанда пайдо менамоянд.*

***

*Мо танҳо дар ҳамин сурат метавонем, ки насли воқеан ҳам, донишманду соҳибмаърифат, ҷӯяндаву ихтироъкор, донандаи илмҳои муосир ва забондону эҷодкор, яъне созандагони ояндаи ободи кишварамон ва муаррификунандагони миллати некноми худро тарбия карда, рисолати худро дар назди халқу Ватан ва наслҳои имрӯзу фардо сарбаландона иҷро намоем.*

***

*Мо, хусусан, бояд ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳем ва онҳоро тавре ба камол расонем, ки боиси ифтихори падару модарони хеш гарданд, эҳтироми калонсолонро ба ҷо оранд, соҳибихтисос шаванд ва ба Ватани аҷдодии хеш содиқона хизмат намоянд.*

***

*Агар мо имрӯз, яъне дар марҳалаи коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ ба масъалаи таълиму тарбия таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накунем, фардо дер мешавад ва чунин муносибат нисбат ба сарнавишти насли наврас дар оянда боиси мушкилоти ҳам оила ва ҳам ҷомеа мегардад.*

***

*Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам нишон медиҳад, ки самара ва манфиати сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ҳатто аз ҷалби сармоя ба бахши иқтисод бештар ва таъсири он ба рушди ҷомеа ва давлат зиёдтар мебошад.*

***

*Мо ҳанӯз аз солҳои нахустини истиқлолияти давлатӣ дастгирии соҳаи маориф, аз ҷумла, бунёди муассисаҳои таълимӣ, ташкили шароити мусоид барои таълиму тарбияи фарзандон, ба роҳ мондани роҳу усулҳои нави таълиму тадрис ва омӯзиши илму дониш ва ба камол расонидани насли босаводу соҳибмаърифатро заминаи боэътимод барои пешрафти давлат мешуморем.*

***

*Фаромӯш набояд кард, ки ҳар шахс ба ҳар мақому мартабае, ки расида бошад, донишҳои аввалинро аз мактаб ва омӯзгор гирифтааст. Яъне мактаб ҳамчун даргоҳи муқаддас барои ташаккули шахсият дар ҷомеа ва мавқеи устувор пайдо кардани ӯ нақши асосиву ҳалкунанда дорад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия омили асосии ташаккули ҷаҳонбинии пешрафтаву ҷомеаи солим ва решакан гардидани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб миёни наврасону ҷавонон мебошад.*

***

*Маҳз соҳаи маориф барои таълиму тарбияи шоистаи фарзандони мардуми куҳанбунёдамон, омода намудани кадрҳои болаёқату соҳибмаърифат, худшиносу худогоҳ, созандаву ободкор ва муҳимтар аз ҳама, насли давомдиҳандаи кору пайкори халқи шарафмандамон мақоми аввалиндараҷа дорад.*

***

*Дар шароити пешрафти босуръати илму техника ва технология баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон ва ба роҳ мондани усулҳои пешрафтаи таълиму тарбия аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.*

***

*Дар шароити пурихтилофи ҷаҳони имрӯза, ки ҳар лаҳза дар ҳоли дигаргуншавӣ қарор дорад, ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ кардани ҷавонон, дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, садоқат ба миллату давлат, хизмати содиқона ба халқ ва иззату эҳтиром нисбат ба падару модарон ва калонсолон тарбия кардани онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар яки мо – калонсолон, аз ҷумла, аҳли маориф мебошад.*

***

*Ба шогирдон ҳарчи бештар омӯзонидани фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои замонавӣ низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини аҳли маориф мебошад.*

***

*Бузургони фарҳангдӯсти мо беҳуда донишро чароғи ақл, қуввати дил ва сарвати азим нагуфтаанд. Зеро шахси донишманд ва соҳиби касбу ҳунар дар ҳама давру замон сазовори обрӯю эътибори хосса буда, илму дониши азбаркарда ва касбу ҳунари азхуднамудааш дар тӯли ҳаёт кафолати зиндагии шоистаи ӯ мебошад.*

**•ДАР ИН ШУМОРА:•**

Халқро ваҳдат саодат оварад саҳ. 3

Таъмини низоми кредитии таҳсилот ҳатмист саҳ. 5



Натиҷаҳои ИМД қонеъкунанда нест саҳ. 6



Воситаҳои техникӣ дар дарсҳои математика саҳ. 7

Пажуҳише оид ба нахустнозири маориф саҳ. 8-9

«Фирдавсӣ» дар дарсҳои забони тоҷикӣ саҳ. 10

Фаъолияти маҳфилҳо тақвият меёбад саҳ. 11

Муроди мо насиҳат буду гуфтем саҳ. 12

Ситоишгари Ватан саҳ. 13

@▶▶ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Сафир дар ҳузури вазир

***11-уми майи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Игор Лякин-Фролов доир гардид, ки дар он муовини якуми вазир Ҷамшед Ҷӯразода, муовини вазир Шукрулло Хайрзода, роҳбари Маркази фарҳангию мадании “Россотрудничество” дар Тоҷикистон Иван Иванов ва сардорони раёсати муносибатҳои байналмилалӣ ва раёсати сохтмони асосии назди вазорат иштирок намуданд.***



Ҷонибҳо оид ба фаъолияти мактаби миёнаи русӣ-тоҷикии назди Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, тасвиби Созишнома дар бораи шароити фаъолияти муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки таълимашон бо забони русӣ аст, вазъи қабули хонандагон ва ба кор қабул кардани номзадҳо ба вазифаи омӯзгорӣ мубодилаи афкор намуданд.

Таъкид гардид, ки Вазорати маориф ва илм дар робита ба мактаби назди Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи шароити фаъолияти мактаби таҳсилоти миёнаи умумии русӣ-тоҷикии назди Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистонро аз 4 апрели 2007 таҳия кардааст.

Оид ба масъалаи Созишнома дар бораи шароити фаъолияти муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода, ки таълимашон бо забони русӣ мебошад, иттилоъ дода шуд, ки ин созишнома ба тасвиб хоҳад расид.

Дар масъалаи қабули хонандагон ва ба кор қабул кардани номзадҳо ба вазифаи омӯзгорӣ қайд карда шуд, ки аз ҷониби вазорат якҷоя бо иҷрокунандаи лоиҳа аз ҷониби Россия гурӯҳи кории идоравӣ таъсис дода шуда, корҳо дар ин самт бомаром ҷараён доранд.

# Вохӯрии Раҳим Саидзода бо Тосихиро Аики

12-уми майи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо сафири навтаъйини Япония дар Тоҷикистон Тосихиро Аики баргузор гардид, ки дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, сардори раёсати муносибатҳои байналмилалӣ Илҳом Камолзода ва сардори раёсати сохтмони асосии назди вазорат Дилшод Сафарзода иштирок намуданд.



Зимни вохӯрӣ иттилоъ дода шуд, ки дар ҳоли ҳозир дар 3 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон забони ҷопонӣ таълим дода мешавад ва ҳар сол дар кишвар озмуни забони ҷопонӣ баргузор мешавад.

-Япония дар бунёди мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад. Танҳо дар соли 2019 бо ибтикори сафорати Япония дар Душанбе ва бо маблағгузории Япония 3 муассисаи таҳсилоти умумӣ сохта, ба истифода дода шуд. Умедворем, ки то моҳи сентябр дар ҳамкорӣ бо шарикони Япония сохтмони муассисаҳои таълимии нав дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба анҷом мерасанд. Ҳамчунин, Вазорати маориф ва илм бо Намояндагии Агентии Япония оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм, ки ба стратегияи 5-солаи JICA дохил карда мешавад, ҳамкории зич дорад, - қайд кард вазири маориф ва илм.

Ҳамзамон, аз ҷониби вазири маориф ва илм ба сафири Япония доир ба таҳия ва имзои Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технологияи Япония, зиёд кардани стипендияи MEXT ва осон кардани шароити он барои донишҷӯёни тоҷик, ҷалби грантҳои Япония дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расонидани кумаки техникӣ ба Вазорати маориф ва илм барои коҳиш додани таъсири пандемияи ҷаҳонӣ пешниҳодҳо ироа гардид.

Дар охир ҷонибҳо ҷиҳати вусъати ҳамкориҳои ҷойдошта дар соҳаи маориф ва илм изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии хешро изҳор доштанд.

***Бахтовар САФАРОВ,***
***корманди Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

# Мулоқоти муовини вазир бо мутахассисони лоиҳаҳо



Дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода бо мутахассисони лоиҳаҳои байналмилалии Вазорати кишоварзии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Мередит Портер ва Молли Кэрн баргузор гардид, ки дар он атташеи кишоварзии сафорати ИМА дар Анкара - фарогирии минтақавӣ барои Озарбойҷон, Гурҷистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон Кристин Мумма ва сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода ширкат намуданд.

Ҳадаф аз вохӯрии мазкур муаррифии Барномаи Мак Говерн-Доул “Ғизо барои таълим” мебошад, ки барои хонандагон, наврасони синни томактабӣ, занҳои ҳомила хӯрок пешниҳод мекунад ва ошхонаву китобхонаҳои муассисаҳои таълимиро таъмир менамояд.

Он аз ҷониби Барномаи ҷаҳонии ғизо ва созмонҳои хайриявии ғайритиҷоратӣ маблағгузорӣ шуда, лоиҳаҳои он дар аксари кишварҳои дунё, бахусус, дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон ва Қирғизистон) дар ҳаҷми 21-25 млн доллари амрикоӣ барои ҳар як кишвар татбиқ мегардад.

БУНЁДКОРӢ

# Роштқалъа: бунёди мактаби нав барои 640 хонанда

Дар маркази ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёди бинои муосири таълимӣ иборат аз чаҳор ошёна ва барои 640 ҷои нишаст оғоз ёфт. Бинокорони ширкати «Помирсохтмон» маҳали сохтмони таълимгоҳи навро бо истифода аз панҷ техникаи пуриқтидор ҳамвор намуда, ҳафтаи оянда таҳкурсии биноро мегузоранд.



Мудири шуъбаи маорифи ноҳия Мамадамбар Мамадамбаров гуфт, ки «пас аз мавриди истифода қарор гирифтани бино хонандагон ба як басти таҳсил мегузаранд. То ҳол ин муассисаи таълимӣ дар ду баст фаъолият дошт. Дар фасли зимистон, ки ҳаво сарду рӯзҳо кӯтоҳанд, хонандагон бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, омӯзгорону хонандагон ва волидони онҳо ин тасмими Ҳукумати кишварро бо хушҳолӣ истиқбол гирифта, миннатдории худро ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намуданд».

Ба гуфтаи мудири шуъбаи маорифи ноҳия, «ин таълимгоҳ дар оянда ба такягоҳи муҳими соҳаи маориф табдил ёфта, дар пешрафти таълиму тарбияи дигар муассисаҳои таълимӣ нақши муассир мегузорад».

Бинои мазкур бо маблағгузории Муассисаи давлатии Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоҳати 0,62 гектар бунёд мегардад.

Корҳои сохтмони биноро Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “Помирсохтмон” ба уҳда дорад. Дар марҳилаи аввал 4 миллион сомонӣ ҷудо гардида, 10 нафар сокини маҳаллӣ ба ҳамворкунии замин машғуланд. Дар маҷмуъ, барои бунёди таълимгоҳ мазкур 28 миллион сомонӣ ҷудо шуда, он дар арафаи ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

***АМИТ «Ховар»***

Дар Академияи дипломатии Озарбойҷон таҳти унвони «Рӯзи Тоҷикистон» ҳамоиши фарҳангӣ доир гардид.

БА ПЕШВОЗИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

# Халқро ваҳдат саодат оварад

*Баро халқи куҳанбунёду тамаддунпарвари тоҷик ваҳдат дар радифи арзишҳои волотарин қарор дорад. Тоҷикон, ончунон ки аз саҳифаҳои таърих бармеояд, табиатан халқи ваҳдатгароянд, дӯстиву рафоқатро меситоянд ва ба ҷангу душманӣ нафрат ба дил мепарваранд.*

Қофиласолори адабиёти тоҷик, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ котеона чунин қазоват кардааст:

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон*
*Бартар аз дидори рӯи дӯстон.*

Пас аз ҳазор сол дар марҳилаи тамоман дигари ҳаёти тоҷикон ворисн садоқатманди устод Рӯдакӣ, Шоири халқии Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода ҳикмати



дӯстпарастонаи ниёи бузургашро ба ин гуна тақвият бахшидааст:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*
***
*Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,*
*Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.*

Дар дарозои таърих халқи тоҷик борҳо аз имтиҳони сахту душвору пурхисорати айём гузаштаву муҳимтар аз ҳама, ваҳдати миллиашро набохтааст. Ҳамин гуна имтиҳони сангин тоҷиконро дар интиҳои асри бист пеш омад. Пас аз ба истиқлоли давлатӣ расидани Тоҷикистон дар ин кишвар ғайричашмдошт ихтилофоту даргириҳои шадид ба вуқӯъ пайвастанд. Омилҳои гуногун, аз ҷумла, мубориза барои мансабу қудрат, ба даст овардани сарват, аз байн бурдани ҷумҳурии мустақил, тақсими дигаргунаи марзҳои мамлакат, маҳалгароӣ... боиси ин даргириҳо шуданд. Ба ихтилофот дар Тоҷикистон қувваҳои тамаъҷӯи беруна низ даст доштанд. Ҷанги дохилӣ дар Ватани маҳбуби мо, мутаассифона, якчанд сол (1992 – 1997 давом кард ва боиси талафоти зиёди ҷонию молӣ гашт. Бино ба иттилооти расмӣ, дар ин зиддиятҳои фоҷеабор дар Тоҷикистон беш аз 150 ҳазор одам нобуд шуданд, зиёда аз як миллион нафар ҷилои Ватан карданд, 25 ҳазор зани тоҷик аз шавҳари худ маҳрум монданд. Ба ҳисоб гирифта шудааст, ки хисорот аз ҷанги ҳамватанӣ баробар ба 10 миллиард доллари ИМА шудааст. Рӯзҳои басо мудҳишу даҳшатнок буданд барои мардуми одӣ – сокинони Тоҷикистон. Нарҳхо осмонгир, фурӯшгоҳҳо нимхолӣ, маҳсулот камчин, муҳит даҳшатбор. Заводу фабрикаҳо аз кор монда буданду иншооти зиёде ҳоли хароб доштанд. Дар кӯчаҳо гаштан хеле хатарбор, ҳама печида ба тарсу ҳарос. Ҳар лаҳза аз ҳар тараф садои тиру тӯп ба гӯш мерасид. Мудҳиштар аз ҳама, мардум умеду боварро ба фардо аз даст дода буданд. Аммо ниёгони хирадвару дурандеши мо хеле воқеъбинона гуфта будаанд:

*Навмед набояд шудан аз гардиши айём,*
*Ҳар шом, ки ояд, зи пайи он саҳаре ҳаст.*

Дар Тоҷикистони истиқлолёфта бо баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон субҳи умед фаро расид ва паём аз рӯзҳои босафо овард.

Сарвари тозаинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавонмарди ҷасоратманду ватандӯст ва сулҳпарвар Эмомалӣ Раҳмон баробари шуруъ ба вазифаи шарафбору пурмасъулияти худ бинмудан баҳри тантанаи сулҳу ваҳдат дар саросари мамлакат ҷидду ҷаҳд карданд. "Нияти нек касро ба мақсад мерасонад", - гуфтаанд мардум. Кӯшишу талошҳои пайгиронаву далеронаи Президенти мардумӣ боровар гаштанд ва ниҳоят, пас аз фидокориҳою ҷоннисориҳо, гуфтушунидҳои бардавому бахшишу гузаштҳо ва баррасиҳову ҳуҷҷатгузориҳо дар Тоҷикистони азиз ваҳдати миллӣ тантана кард, сулҳ ғолиб омад, марҳилаи саодатбору сурурбахши миллат фаро расид. Ҳамакнун, соли 25 – ум аст, ки 27 июн дар мамлакатамон ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ таҷлил мешавад ва ин ҷашн аз мақбултарину маҳбубтарин ҷашнҳо дар ҷумҳурии мост. Халқ ҳақшиносу воқеиятбин аст. Барои заҳматҳои бардавому қаҳрамононаашон бо дархосту ҷонибдории мардум ба Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дода шуд. Ваҳдати миллати саодатманди тоҷик ҳамеша устувору поянда хоҳад монд.

***Насиба МАЛЛАЕВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №70-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ***

# Ватандӯстӣ ва кӯдакон

*Тарбияи ватандӯстӣ дар оила аз ғамхорӣ, меҳрубонӣ ва дилсӯзии волидону аъзои оила нисбат ба кӯдак ба хурдсолон сарчашма мегирад. Мафҳуми оила барои кӯдак ҳамрадифи падару модар, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва дигар хешу таборон, ки ба ӯ меҳрубонӣ мекунанд, мебошад.*

Анъанаҳои оилавӣ, суҳбатҳо оид ба мавзуъҳои ҷолиб, якҷоя хондани китобҳо, тамошои суратҳои манзаравӣ, шунидани нақлҳои аҷоиби калонсолон, ба тамошо ва сайругашт баромада, ҷашн гирифтани идҳои маросимӣ - тақвимӣ барои ташаккули эҳсосӣ ватандӯстӣ мусоидат менамоянд. Ин анъанаҳо аз насл ба насл мегузарад, такмилу тағйир меёбад ва дар тарбияи насли наврас такони ҷиддӣ мебахшад.

Фарзанд меваи умри инсон мебошад, ки дорои ҳуқуқҳои вижа буда, нисбат ба худ таваҷҷуҳи зиёдеро талаб менамояд. Яке аз вазифаҳои оила ва муассисаҳои томактабӣ, инкишофи қобилиятҳои равонию зеҳнии тифлакон ва ба мактаб омода намудани онҳо мебошад. Сарвари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳои худ бо аҳли зиё, дар арафаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» чунин изҳори андеша карда буданд: «Ҳар як шахсе, ки миллати худ ватани худро дӯст медорад ва эҳтиром менамояд, бояд ба қадри ин арзишҳо расад ва дар масъалаи муҳимтарини зиндагӣ – таълиму тарбияи фарзандон бетафовут набошад. Онҳоро дар рӯҳияи баланди худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, ватанпарварӣ ва ифтихор аз ватану ватандорӣ тарбия намояд ва ба илму касбомӯзиашон бештар диққат дода, онҳоро дар ин рӯҳия ташвиқ намояд».

Волидонро зарур аст, ки, пеш аз ҳама, забон, таърих ва анъанаҳои ғании ниёгонамонро хуб донанд ва фарзандони хешро дар чунин рӯҳия тарбият карда тавонанд. Роҳу усулҳои тарбия гуногунанд. Онҳо аз синну сол, хусусиятҳои инфиродии



кӯдак ва ҳолатҳои мушаххас вобаста мебошанд. Дар раванди тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, шавқу ҳаваси кӯдаконро нисбат ба ҳодиса ва рӯйдодҳои ҷамъиятӣ зиёд намудан зарур аст. Масалан: шинос намудани кӯдакон бо муҳити зист, диёр, деҳа, кӯчабоғҳо шаҳр ва таърихи он мувофиқи мақсад аст. Вазифаҳои асосии тарбияи эҳсоси ватандӯстиро барои кӯдакони синни томактабӣ аз нигоҳи мо ба таври зайл аст:

- Парвариш намудани эҳсоси дӯст доштани табиат, мероси фарҳангии миллати худ.
- Тарбия намудани муҳаббату эҳтиром нисбат ба халқу миллати хеш, донистани хусусиятҳои миллӣ, ифтихор аз дирӯзу имрӯз ва фардои ватан.
- Ташаккули таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҳамсолон. Фарзандони миллатҳои дигар, ки якҷо дар кӯдакистон, ҳамсоягӣ, деҳаю шаҳр зиндагӣ менамоянд.

Пешрафти ҷомеа ва фаъолияти таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ барои тарбияи ватандӯстӣ риоя кардан чунин ғояҳоро талаб менамояд.

- Тарғиб ва тарбияи ватандӯстӣ, дар симои кӯдак шахсияти алоҳидаро дидани калонсолон.
- Ҳангоми шарҳ додани ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ фаҳмонидани замони ба вуқӯъ омадани онҳо ба кӯдак.
- Муносибати озод бо кӯдак, ки то ӯ тавонад фикру андешаҳояшро озодона иброз намояд.
- Ҳамкории оила ба муассисаҳои томактабӣ ва таълимӣ.

Хулоса, муҳимтарин воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар машғулиятҳои хештаншиносӣ, инкишофи нутқ, адабиёти бадеӣ, шиносоӣ бо муҳити зист, мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, санъати тасвирӣ, сайру гашт ба ҷойҳои таърихии шаҳр, бозиҳое, ки дар он хусусиятҳои беҳтарини забони модарӣ, одату анъанаҳои миллӣ, маросиму ҷашнвораҳои халқиву умумибашарӣ ифода мегарданд, барои беҳдоштаи кори тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ мадад мерасонад.

***Гулноза БЕГМАТОВА,***
***мураббияи кӯдакистони №2-и шаҳри Кӯлоб***

ТОЗАНАШР

# «Тоҷикон» ва ифтихори миллӣ

Ба истиқболи 35 – солагии Истиқлоли ҷумҳурӣ китоби мактабшиноси маъруф, академики АТТ Муҳаммад Лутфуллозода таҳти унвони "Тоҷикон" ва тарбияи ватандӯстӣ" аз чоп баромад. Устоди соҳибфазилат дар китоби нави худ саҳифаҳои заррини таърихи пурифтихори халқи тоҷикро варақ зада, андешаҳои хешро дар ҳошияи асари безаволи олими сатҳи ҷаҳонӣ, муаррихи барҷаста, академик Бобоҷон Ғафуров – "Тоҷикон" бо овардани мисолҳои ибратомӯз аз қаҳрамонони шуҷоъ ватандӯсти тоҷик бо забони содаву фаҳмо самимона баён кардааст. Дар пешгуфтори китоб оид ба моҳият ва рисолати таърихии китоби "Тоҷикон" ва хидматҳои безаволи Бобоҷон Ғафуров муаллиф зикр намудааст:




"Шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров – "Тоҷикон" дар баробари ганҷи беохир будан "шиносномаи миллати мо буда, дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии тоҷикон хизмати шоиста кардааст. Итминони комил дорам, ки китоби мазкур солҳои баъдӣ низ рисолати худро иҷро карда, ба боловарии ҳисси ватандӯстии наслҳои ояндаи кишвар мусоидат менамояд".

Китоби академик М.Лутфуллозода дар тарбияи ватандӯстии насли наврас хидмати арзанда хоҳад кард.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

Дар шаҳри Панҷакент маркази дӯзандагӣ ифтитоҳ ёфт.

ИДЕОЛОГИЯ

# Таблиғгари ақоиди бегона

***Ҳанӯз солҳои 70-80-уми асри XX дар миқёси Осиёи Марказӣ ва дигар манотиқи мусулмоннишини собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ҳаракату гурӯҳҳои диние ба миён омаданд, ки таҳти таъсири идеологияи исломи тундгаро фаъолияти пинҳонкоронаи худро дар шакли "давра"-ҳо ба роҳ монда буданд. Яке аз чунин гурӯҳҳо, ки асосан дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар ибтидо фаъолияти пинҳонкоронаро ба роҳ мондааст, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (минбаъд ташкилоти террористӣ-экстремистии ҳизби наҳзати исломӣ - ТТЭ ҲНИ) мебошад. Наҳзати исломӣ бо мақсади мубориза бар зидди идеологияи коммунистӣ, аниқтараш, аз байн бурдани давлати дунявӣ ва таъсис додани давлати исломӣ миёни пайравону ҳамақидаҳояш идеологияи исломи сиёсиро тавассути адабиёти аз хориҷ воридгардидаи бунёдгузорони ҳаракати экстремистии "Ихвон-ул-муслимин" (фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон) ташвиқу тарғиб менамуд.***

Роҳбарон ва аъзои ТТЭ ҲНИ бо дарёфти дастгириву кумакҳои моддиву маънавӣ аз ҷониби сарпарастони хориҷии худ ва бо истифода аз дини Ислом тавонистанд дар миёни мардум мавқеъ пайдо намуда, ҳамагонро ба гирдиҳамоиҳо ва эътирозҳо нисбат ба ҳукумати вақти Тоҷикистон даъват намоянд. Пайомади чунин гирдиҳамоиҳои бемантиқ, ки аз нақшаҳои тарҳрезинамудаи наҳзатиён ва хоҷагони хориҷиашон буд, боиси дар таърихи тоҷикон нақш гузоштани ҳодисаи "феврали хунин"-и соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва дигар ҳаводиси солҳои ахир гардад. Бояд тазаккур дод, ки уламои наҳзатӣ барои ба даст овардани мақому мансаб, бо мақсади дахолат кардан ба корҳои давлатӣ ва фарогир намудани нуфузи худ дар ҷомеа, худро эҳёгарони дини исломӣ муаррифӣ менамуданд. Ҳизби наҳзат, ки аз оғоз таҳти таъсири баъзе кишварҳои мусалмони Ховари Миёна қарор дошт, бо муаррифии шиору навиштаҷоти бегона борҳо аз минбарҳои масоҷиду гирдиҳамоиҳо аз вазъи сиёсии кишварҳои мусулмонии вақт суханрониҳо намуда, мардумро ба сарнагун кардани ҳукумати конститутсионии вақт ва бунёди давлати исломӣ ба гирдиҳамоӣ даъват менамуданд.

Дар муддати кӯтоҳ наҳзати исломӣ бо дастгирии ҳамаҷонибаи доираҳои манфиатдори баъзе кишварҳои манфиатхоҳ аз як ҳаракати ислоҳталаб ба як созмони динӣ табдил ёфта, имкони бар зидди ниҳодҳои ҳукумати вақт дар шакли Иттиҳоди мухолифини тоҷик муқовимат нишон доданро пайдо намуд.

Баъд аз шикаст додани неруҳои Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар соли 1993 саркардагону аъзои фаъоли наҳзат ба Афғонистон фирор намуда, тариқи кишвари ҳамсоя нисбат ба Тоҷикистон амалҳои тахрибкоронаи худ, амалӣ намудани амалҳои террористиро нисбат ба ашхоси зиёӣ, ходимони давлатӣ, кормандони мақомоти қудратӣ ва дигарон идома медоданд.

Бояд зикр намуд, ки дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта таблиғоти густурдаи хурофотпарастии наҳзатиён ва пайравони онҳо боиси он гардид, ки қишри осебпазири ҷомеа-ҷавонон барои гирифтани маълумоти динӣ ба кишварҳои мусулмонӣ равона гардида, дар давоми таҳсил ва ё пас аз он аз тарафи аъзои созмону гурӯҳҳои ифротиву тундгаро ва даҳшатфикан барои пешбурди фаъолияти тахрибкорӣ ҷалб карда мешуданд. Пас аз бозгашт ба ватан ҳамчун шахси таълими динигирифта, дар мансаби имоми масҷид ва ғайраҳо ба фаъолият шуруъ намуда, барои амалӣ намудани фаъолияти тахрибӣ ақоиди ба ҷомеаи мо бегонаро миёни мардум ташвиқу тарғибот менамуданд.

Наҳзати исломӣ ҳамчун ҳизби бақайдгирифташуда дар маъракаҳои сиёсӣ, аз ҷумла, дар интихоботи парлумонӣ ва президентӣ иштирок намуда, ба натиҷаҳои худро




қонеъкунанда ноил намегардид. Масалан, пас аз нокомӣ дар интихоботи навбатии парлумонӣ, моҳи марти соли 2015 роҳбарияти ТТЭ ҲНИ тибқи нақшаи аз қабл тарҳрезишуда, ба хориҷа фирор мекунанд. Аъзо ва пайравони фаъоли ин ташкилоти террористӣ шаби 4-уми сентябри ҳамон сол бо мақсади вазъро дар Тоҷикистон ноором сохтан ва барои ворид гардидани ҳаракату гурӯҳҳои террористии кишвари ҳамсоя имкон фароҳам овардан, даст бо ошӯби мусаллаҳона заданд. Хушбахтона, нақшаи тахрибии пешакӣ тарҳрезинамудаи наҳзатиҳо бо шарофати амалиёти низомии муштараки мақомоти қудратии кишвар амалӣ нагардид. Дар охири моҳи сентябри соли 2015 ҳизби наҳзат ҳамчун ташкилоти террористӣ эътироф гардида, фаъолияти он дар кишвар мамнуъ эълон гардид.

Бо ташаббуси саркардагону пайравони ТТЭ ҲНИ ва бо ҷалби ҳаракатҳои мухолифини бурунмарзӣ тариқи кумаку дастгирии хоҷагони хориҷӣ, созмони ба ном "Паймони миллӣ"-ро барои идома додани фаъолияти тахрибии худ таъсис доданд. Созмони навтаъсис ифодакунандаи афкори наҳзатиён буда, сомонаҳои интернетии ба он хос тарғибкунандагони идеологияи хусусияти террористӣ ва ифротгароидошта ҳамчун таҳдид ба фазои иттилоотӣ ва амнияти кишвар маҳсуб меёбад.

Яке аз чунин сомонаи интернетӣ бо номи "Ислоҳ.нет" (фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон) аст, ки баръало фаъолияти пардапӯшонаи тахрибии наҳзатиёни ифротӣ дар он мушоҳида мегардад. Муҳаммадиқболи Садриддин баробари узви фаъоли ТЭТ ҲНИ буданаш, аз муассисони фаъол ва айни замон мудирияти сомонаи "Ислоҳ.нет"-ро ба уҳда дошта, маводи дар сомона ҷой медодашуда асосан таҳти муаллифии вай интишор мегарданд. Номбурда фарзанди Қаландари Садриддин, яке аз саркардагон ва аъзои фаъоли ТЭТ ҲНИ (Садриддинов Қаландар) дар солҳои ахири асри XX мебошад. Падари М. Садриддин дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ даст ба куштори ваҳшиёнаи мардуми бегуноҳ, ходимони давлативу фарҳангӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ задааст.

Дар сомонаи ифротии "Ислоҳ.нет" М. Садриддин ва дигар роҳбарону фаъолони наҳзатиёни чоплус, ки аз мубаллиғони идеологияи бегонапарастӣ, тафриқаандозӣ, авомфиребӣ ва исломгароӣ ба шумор меравад, аз пешравиҳову дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон озурдахотир гардида, бо чоплусиву бегонапарастӣ ва амали ноҷавонмардонаи худ камбудиҳои ночизи кишварро мавриди таҳқиру писханди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор медиҳанд. Аз ҷумла, барои бадном кардани кормандони вазорату идораҳои давлатӣ, кормандони боломақоми мақомоти қудратӣ, инчунин, ходимони илму фарҳанги кишвар дар назди ҷомеа, маводи иттилооотии бедалелу бемантиқро дар сомонаи мазкур махсус расонаӣ намуда истодаанд.

Афроди солимақли ҷомеаи кишвар шоҳиди он аст, ки фаъолияти душманонаи ТТЭ ҲНИ имрӯзҳо асосан дар мисоли пешбурди ҷанги иттилоотӣ бо роҳи таъсиси сомонаҳову дигар васоити ахбори дасисабоз ва чопи мақолаҳои иғвоангез дар фазои иттилоотӣ мавриди ташвиқу тарғиб қарор дода шудааст. Баробари ин, намоиши филми ҳуҷҷатии "Хиёнат", ки аз чеҳраи манфури хиёнатпешаи саркардагону аъзои ТТЭ ҲНИ пардаро бардошт ва ҷомеа аз амалҳои ноҷавонмардона ва ваҳшатангези он бархӯрдор гардиданд, хеле ба маврид аст.

Итминон дорем, ки ҷомеаи имрӯзаи кишвар, хусусан, ҷавонон аз кирдорҳои хиёнаткоронаи наҳзатиён комилан воқиф гардидаанд ва ба ин васила, ҳушёриву зиракии сиёсии худро аз даст надода, дучори доми авомфиребии аъзою пайравони ин ташкилоти террористӣ ва ифротгаро нахоҳанд гашт.

***А. САЛИМОВ***

***17 майи соли 2022 аъзои гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ бо мақсади халалдор сохтани вазъияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ шоҳроҳи байналмилалии Душанбе-Қулмаро дар қисмати роҳи ноҳияи Рӯшон, бевосита дар назди хати сарҳади давлатӣ, ғайриқонунӣ бастанд.***

Ҷинояткорон бо дастгирии ташкилоти байналмилалии террористӣ силоҳу лавозимоти ҷангиро берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дастрас карда, барои анҷом додани амалҳои террористӣ ва дигар шаклҳои иғвоангезӣ зархаридони хориҷиро ҷалб намуданд.

Кирдори мазкур бадқасдона ба муқобили пояҳои сохти конститутсионӣ равона шуд. Гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба талаботи қонунии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи супоридани силоҳу лавозимоти ҳарбӣ итоат накарда, муқовимати мусаллаҳона нишон доданд.

## Террористон маҳкум мешаванд

Дар амали гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дар ноҳияи Рӯшон, ки аз ҷониби созмонҳои байналхалқии террористӣ тарҳрезӣ ва маблағгузорӣ гардидааст, аломати ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ҷой дорад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади таъмини амнияти шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ ва барқарорсозии ҳаракати бемамониати воситаҳои нақлиёт тавассути шоҳроҳи байналмилалии Душанбе-Қулма дар қисмати роҳи ноҳияи Рӯшон аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар амалиёти зиддитеррористӣ оғоз гардид.

***АМИТ «Ховар»***

ВАТАНПАРВАРӢ

# Ҳадафи мо – хизмат ба Ватан

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ (21.12. 2021) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар иброз доштанд, ки рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва пешрафти давлат ба тарбияи насли наврас ва омодасозии мутахассисони сатҳи баланди байналмилалӣ вобаста мебошад.***

Мо-насли ҷавони ҷомеа, ки ба шукуфоӣ ва ояндаи кишварамон бовар дорем, дар атрофи Президенти маҳбубамон боз ҳам муттаҳидтар гашта, барои амалӣ гаштани сиёсати маорифпарваронаю фарҳангпарваронаи эшон, пеш аз ҳама, хубу аъло мехонем, дар озмунҳои «Илм -фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон-Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» фаъолона ширкат меварзем. Боиси хурсандист, ки барои рушди насли нави давронсоз дар мамлакати соҳибистиқлоли мо сол то сол теъдоди макотиби типи нав дар ҳоли афзоиш аст. Мо, хонандагон, дар кабинетҳои нави замонавии муҷаҳҳаз таҳсил мекунем ва ба мо омӯзгорони донишманду соҳибтаҷриба дарс мегӯянд.Бо боварӣ гуфта метавонам, ки солҳои 2020-2040, ки бо ибтикори Пешвои миллат «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, ва риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон гардидааст, барои омодасозии мутахассисони баркамоли оянда омили таконбахш мебошад.

Озмунҳои «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бори дигар собит сохтанд, ки дар кишвари азизамон ҷавонони хеле боистеъдод ба воя мерасанд, ин озмунҳо миёни насли наврас кошифи ҳақиқии истеъдодҳо гаштанд.

Ман соли равон муассисаи таълимиро хатм мекунам, аъло мехонам, интихоби касб бароям мушкил нест, зеро дар ҷумҳурии азизамон 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ арзи вуҷуд дорад ва дар онҳо 245 ҳазор нафар ҷавонон таҳсил мекунанд. Аз баракати соҳибистиқлолӣ аст, ки беш аз 40 ҳазор нафар ҷавонони мо дар хориҷи кишвар таҳсили илм мекунанд. Бовар дорам, ки имтиҳонҳоро бомуваффақият супурда, таҳсиламро дар мактаби олӣ идома медиҳам. Ҳадафу мақсад дорам, ки соҳиби касби дӯстдоштаам гашта, ба Ватан ва ба миллати азизам хидмати садоқатмандона намоям.

***Ширинмоҳ ЗУМРАТОВА,***
***хатмкунандаи литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ният доранд, ки гардиши молро ба 1 миллиард доллар расонанд.

ИСЛОҲОТ

# Таъмини низоми кредитии таҳсилот ҳатмист

*Баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ, низоми кредитии таълим аз муҳимтарин омилҳои тайёр кардани мутахассисони варзида ва рақобатпазир дар бозори ҷаҳонии меҳнат эътироф шудааст. Зиёда аз даҳ сол аст, ки ин низом дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҷорӣ мебошад ва он шакли асосии таълим ба ҳисоб меравад.*

Яке аз омилҳои нишондиҳандаи фаъолияти таълимии донишҷӯёну омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишондоди сессияи санҷишию имтиҳонӣ ба шумор меравад. Боловари сифати таълим ва муайян намудани сатҳи азхудкунии нақша ва барномаҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таълим бештар аз мазмун ва сифати супоришҳои омӯзгор, мавзуъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ва саволномаҳое, ки барои санҷишҳои фосилавӣ ва имтиҳонҳои ҷамъбастӣ таҳия мешаванд, вобастагии амиқ дорад. Зеро донишҷӯ дар заминаи супоришҳои омӯзгор, пеш аз ҳама, рӯ ба мавзуъҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ меоварад.

Низоми кредитии таълим дар масъалаи муайян намудани сатҳи сифати воқеии азхудкунӣ ва баҳои ҳаққонӣ додан ба донишу малакаи донишҷӯён имконияти беҳтареро доро мебошад. Ин низом донишҷӯ ва ҳам омӯзгорро водор месозад, ки дар тамоми давраи таҳсил фаъол бошанд.

Масалан, низоми холдиҳӣ-рейтингӣ - низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои таълимӣ аз ичрои кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, кори мустақилонаи донишҷӯ ва имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингӣ якум ва дуюм) мунтазам ҷамъ овардани холҳои зарурӣ аз тарафи донишҷӯ мебошад ва дар ин асос ба имтиҳони ҷамъбастӣ иҷозат дода мешавад. Яке аз бартарии низом дар ҳамин аст, ки донишҷӯ дар давраи таҳсил ба азхудкунии барномаи таълимӣ ва тайёр намудани супоришҳои омӯзгор диққати ҷиддӣ дода, ба имтиҳони ҷамъбастӣ ё ниҳоӣ омодагӣ мегирад.

Аз санҷишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суҳбату вохӯриҳо бо омӯзгорону донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои таълимӣ ва қабули имтиҳонҳо маълум мешавад, ки супоришҳои дар самти кори мустақилона додаи омӯзгор (тест, реферат, маҷмуи вазифаҳои хонагӣ, эссе, корҳои эҷодӣ ва ғайра) аз тарафи донишҷӯ сари вақт пешниҳод ва иҷро намешаванд. Маҳз ҳамин омил боис мегардад, ки дар имтиҳони ҷамъбастӣ баъзан мушкилиҳо пеш меоянд ва сабаби норозигии омӯзгорон низ мегарданд.

Айни замон аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ новобаста ба имкониятҳо раванди баргузории сессияи санҷишию имтиҳониро тавассути барномаи компютерӣ (дар назди монитор) ба роҳ мондаанд. Мувофиқи талаботи низоми кредитии таълим имтиҳони ҷамъбастӣ ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда мешавад. Муассисаи таълимӣ бояд ба хотири муайян кардани фаъолияти таълимӣ ва рейтинги омӯзгор дар асоси пешниҳоди кафедра чиҳати қабули имтиҳонҳои фанҳои таълимӣ дар шаклҳои шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ, эҷодӣ ва омехтаро ба инобат гирифта, ҷараёни баргузории имтиҳонҳоро зери назорат қарор диҳад ва натиҷагирӣ намояд. Аз таҳлили сессияҳои имтиҳонӣ бармеояд, ки қисме аз донишҷӯён дар даври фаъоли сессияи имтиҳонӣ қарздор мемонанд. Сабаби қарздории донишҷӯён (асосан донишҷӯёни курси якум), аз як ҷиҳат, аз дуруст идора карда натавонистани барномаи компютерӣ бошад, аз ҷиҳати дигар дар як вақт қабул намудани имтиҳонҳо дар ҳама синфхонаҳои компютерӣ мебошад, ки барномаи компютерии қабули имтиҳонҳо бардошт накарда, фаъолияташ имконнопазир мегардад. Барномаи мазкур на ҳамаи ишораҳои шартии саволномаҳои гурӯҳи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (астрономия, математика, химия, физика, информатика, кибернетика, геометрия, барномасозӣ ва ғайра)-ро хонда метавонад. Ғайр аз ин, қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ дар аксари муассисаҳои таълимӣ бе иштироки омӯзгор аз тариқи барномаи компютер ба роҳ монда шудааст, ки ин амал бетаваҷҷуҳии омӯзгорону



донишҷӯёнро нисбат ба ядгирар ба миён овардааст. Чунин амал ба сифати иҷрои талаботи барномаи таълимӣ таъсир мерасонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи ин усул ба сифати қабули имтиҳонҳо ва ҷиҳати таъмини сифати таҳсилот мусоидат накарда, зарурати ташкили сессияи иловагиро ба миён меоварад. Ҳамчунин, ҷараёни бартараф кардани қарзҳои академӣ аз ҷониби донишҷӯён ва ташкили машғулиятҳои таълимии инфиродӣ ва гурӯҳӣ тӯл кашида, талаботи низом риоя намешавад, ки ин боиси халалдор гардидани раванди таълим мебошад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти муҳимияти масъалаи мавриди таваҷҷуҳ ва имконияти таҳкими бунёди иқтидори техника ва технологияи иттилоотӣ ва дар доираи имконияти марказҳои тестии муассисаҳои таълимӣ қабул намудани имтиҳонҳои ҷамъбастӣ ва муайян намудани мавкеи омӯзгор дар раванди азхудкунии барномаи таълимӣ, қабули имтиҳон, назорати доимӣ ба фаъолияти таълимии онҳо ва риояи талаботи низомномаи низоми кредитии таълим, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони арзандаро зери таваҷҷуҳ қарор додааст. Аз ҳамаи алоқамандони таълиму тарбия, муассисаҳои таълимӣ, инчунин, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, даъват мешавад, ки дар татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ҳамкории зич дошта бошанд.

Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илм бо мақсади иҷрои банди 10, қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се моҳи аввали соли 2022 ва вазифаҳо то охири сол» ва назорати иҷрои банди 79, Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №19/24) аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмини иҷрои талаботи банди мазкурро талаб намуда истодааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдор дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тасдиқ кардани тартиб ва тарзи қабули санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад. Вазорат бо мақсади гузаронидани мониторинг ва ба танзим даровардани раванди таълим, муайян намудани роҳу усулҳои нави муосири таълим, ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни қабули санҷишу имтиҳонҳо гурӯҳи фанҳои техникӣ, технологӣ, табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар шаклҳои гуногун шифоҳӣ, хаттӣ 60% ва гурӯҳи фанҳои гуманитарӣ иқтисодию иҷтимоӣ дар шакли тестӣ 40% қабул намудани имтиҳони ҷамъбастиро дар шуъбаи рӯзона пешниҳод намудааст.

Мутобиқи банди 82 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №306 тасдиқ гардидааст, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклу тартиби гузаронидани машғулиятҳо мустақил буда, супоридани санҷишу имтиҳонҳои ҷориро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба роҳ мемонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими баҳшидани низоми таълим ва фаҳмондадиҳӣ бо масъулини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷаласаи корӣ бо ҷалби коршиносон доир намуд. Минбаъд низ дар ин самт ташкил ва баргузор намудани чунин ҷаласаҳо ва семинару конфронсҳо миёни коршинорсон ва омӯзгорону донишҷӯён аз манфиат холӣ нест. Таъмини таҳсилоти босифат дар шароити муосир аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди маорифи ватанӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро аз ҳадафҳои муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор додааст.

***Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

ФАЪОЛИЯТ

# Восеъ: машваратҳои таълимӣ

Бо мақсади расонидани ёрии методӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, салоҳиятнокӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, иҷрои барномаҳои таълимӣ, тақвият бахшидан дар таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҷалби ҳарчи бештари хонандагон ба маҳфилҳои фаннӣ ва касбияти омӯзгорон ва рушди корҳои ободонӣ шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ дар муассисаҳои таълимӣ машварат гузаронида истодааст.

Тавре сармутахассиси шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ Маҳмадулло Маҳмадиев ба АМИТ «Ховар» иттилоъ дод, чунин машварат дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 баргузор гардид. Роҳбарияти шуъбаи маориф ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии ноҳия аз тарзи ҳуҷҷатгузорӣ, тартиби рӯйхатҳо, дастурҳои методии вобаста ба фанҳои гуногун ва намоишгоҳи ҳунарҳои дастии омӯзгорону хонандагон дидан карданд.

Дар муассиса омӯзгорон дар 14 синфхона дарсҳои кушодро бо усули нави таълим ба роҳ монданд. Ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз асбоби аёнӣ, адабиёти соҳавӣ ва техникаи муосири таълимӣ ба таври васеъ истифода бурда шуд. Зимни дарсҳо вобаста ба ихтисос омӯзгорон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия иштирок намуда, бо тарзи дарсгузарии омӯзгорон шинос шуданд. Роҳбарияти шуъбаи маориф низ дар дарсҳо ширкат варзида, бо омӯзгорону хонандагон суҳбат орост.

Дар ин муассиса вобаста ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» ба таълими фанҳои мазкур диққати ҷиддӣ дода мешавад. Роҳандозӣ гардидани чунин тадбирҳост, ки сифати таълиму тарбия беҳтар шуда, иштироки шогирдони ин муассиса дар озмуну олимпиадаҳо афзоиш ёфтааст. Дарсҳои омодагии дифои ҳарбӣ дар саҳни муассиса гузаронида шуда, дар маҳфилҳои касбомӯзӣ қисмати зиёди хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши дуредгарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ машғул мебошанд. Маҳсулоти омодакардаи хонандагон гувоҳи он буд, ки маҳфилҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаанд.

Мудири шуъбаи маориф зимни ҷамъбасти машварат ба омӯзгорон баҳри боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва истифодаи васеи аёният ва техникаи муосири таълимӣ маслиҳатҳои муфид дод. Чунин чорабиниҳо дар дигар муассисаҳои таълимии ноҳия низ гузаронида мешаванд.

Дар шаҳри Ҳисор то соли 2026 беш аз 100 бинои баландошёнаи истиқоматӣ бунёд мегардад.

*Ақл ҳар гуна ҷаҳлро ислоҳ мекунад, ҳамоқат ҳар гуна хирадро барбод медиҳад.*
*Ҳёте*



ДОВТАЛАБ - 2022

# Натиҷаҳои ИМД қонеъкунанда нест

***Ҳадафи асосии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ИМД) ба роҳ мондани қабули мутамарказу шаффоф ва одилонаи донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.***

Мониторингу таҳлилҳо, аз ҷумла, вобаста ба иштироки довталабон дар ИМД ва сатҳи комёбию дастовардҳояшон аз имтиҳонҳо барои муайян намудани сифати таълиму тадрис дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар асоси он андешидани чораҳои дахлдор бо мақсади беҳбудӣ бахшидани кор дар ин самт бесамар нахоҳад буд. Яъне, таъсири бозгаштӣ (feedback)-и натиҷаҳои ИМД низ ба зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омили беҳбудии сифати таълим дар муассисаҳо буда метавонад. Мо ин ҷо баъзе таҳлилҳоро аз иштироки довталабон дар ИМД-2021 дар муқоисаи дастовардҳои духтарон ва писарон тибқи натиҷаҳои ин имтиҳонҳо меоварем. Мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии довталабон барои иштирок дар ИМД-2021 дар ду марҳала – асосӣ ва иловагӣ ба роҳ монда шуд. Шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии дар ҳар ду марҳалаи бақайдгирӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои иштирок дар ИМД-2021 номнависшуда 91531 нафарро ташкил дод Ин шумора нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2020 ум 8867 нафар (8,83 %) ва нисбат ба соли 2019-ум 3243 нафар (3,42 %) кам аст. Яке аз сабабҳои кам шудани шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), бо эҳтимоли зиёд, кам будани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум) дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2020 ум аст. Ин тафовут 6314 нафар (5,10 %)-ро ташкил медиҳад. Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли 2021-ум 117388 нафар ва дар соли 2020-ум 123702 нафар буд. Инчунин, бо эҳтимоли зиёд, сабаби дигари коҳиши шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум) кушода шудани роҳҳо пас аз пандемияи COVID-19 ва пайдо шудани имкони рафтан ба хориҷи кишвар барои таҳсил аст. Зеро дар соли 2020-ум, бинобар хуруҷи пандемияи COVID-19, шаҳрвандони ҷумҳурӣ натавонистанд, ки барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии хориҷӣ аз ҷумҳурӣ берун раванд. Аз шумораи умумии довталабоне, ки соли 2021-ум дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11 ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ номнавис шудаанд, 41046 нафарашон (44,84 %) духтарон ва 50485 нафарашон (55,16 %) писаронанд (ниг. ба расми 1). Ҳиссаи духтарони азқайдгузашта дар соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2020-ум 1,65 % зиёд ва нисбат ба соли 2019 ум 0,41 % кам аст.

Аз шумораи умумии довталабони азқайдгузаштаи дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11 ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ соли 2021-ум дар имтиҳонҳо 81712 нафарашон иштирок карданд, ки ин аз шумораи умумии довталабон 89,27 % ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи солҳои 2015-2020-ум пасттар аст. Аз ҷумла, нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020-ум, ки дар муқоиса бо ҳамаи солҳои баргузории ИМД баландтарин мебошад, 5,69 % паст гардидааст.

Нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи солҳои 2019 - 2020-ум мувофиқан 1,24 % ва 2,14 % пасттар аст. Новобаста аз ин, нишондиҳандаи иштироки довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ



(синфи 9-ум) нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 6,25 % бештар аст.

Шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки соли 2021-ум холҳои гузаришро аз ҳамаи субтестҳои дахлдори қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), инчунин, аз қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус) ва Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) соҳиб гардида, ба озмуни тақсимот роҳ ёфтанд, ҳамагӣ 75492 нафарро ташкил дод, ки ин ба 92,39 % и шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккарда (81712 нафар) баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 86,84 %, соли 2019-ум ба 87,13 %, соли 2018-ум ба 79,26 % ва соли 2017-ум ба 76,19 % баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур аз холҳои гузариши фаннии ҳар сол муқарраршаванда, ки гуногунанд, вобастагӣ дорад., Бахусус, бояд инро дар назар гирифт, ки холҳои гузариши фаннӣ аз баъзе субтестҳо дар соли 2021-ум пасттар гардид. Дар соли 2021-ум дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии духтарони дар имтиҳонҳо иштироккарда ҳамагӣ 35208 нафар (92,69 %)-ашон ва аз шумораи умумии писарони дар имтиҳонҳо иштироккарда 40284 нафар (92,13 %)-ашон аз ҳамаи субтестҳои дахлдори қисми қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), инчунин, қисми В (аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) ва қисми Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) соҳиб гардида, ба озмуни тақсимот роҳ ёфтаанд. Агар ҳиссаи умумии духтарони ба озмуни тақсимот роҳёфта дар ИМД и солҳои 2016-2020 нисбат ба ҳиссаи умумии писарони ба озмуни тақсимот роҳёфта кам бошад, соли 2021-ум ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, дар ИМД - 2021 ҳиссаи умумии духтарони ба озмуни тақсимот роҳёфта нисбат ба ҳиссаи умумии писарони ба озмуни тақсимот роҳёфта каме (0,56 %) зиёдтар аст.

Мувофиқи натиҷаҳои 2 озмуни тақсимот соли 2021-ум аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии ба озмуни тақсимот роҳёфта ҳамагӣ 64937 нафарашон (бе кам кардани шумораи довталабони комёби барои номнависӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҳозирнашуда) сазовори номи донишҷӯӣ шуданд, ки ин ҳамагӣ 86,02 % ро аз шумораи умумии довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ташкил медиҳад ва он нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи ИМД-и соли 2020-ум 1,44 % бештар аст. Бояд таъкид кард, ки зиёд гардидани ҳиссаи довталабони дар озмун комёбшуда дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2020-ум маънои баланд будани натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро надорад. Сабаби ҳолати мазкур аз нақшаи қабули донишҷӯён кам будани шумораи довталабони ба озмун роҳёфта, яъне паст будани озмун аз рӯйи қисми зиёди ихтисосҳо аст.

Аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) и ба озмуни тақсимот роҳёфта, тибқи натиҷаҳои 2 озмуни тақсимоти соли 2021-ум, ҳамагӣ 4873 нафарашон сазовори номи донишҷӯӣ шуданд, ки ин ҳамагӣ 78,13 % ро аз шумораи умумии довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ташкил медиҳад. Ин нишондод нисбат ба солҳои 2019-2020-ум мувофиқан 1,85 % ва 1,01 % бештар аст. Соли 2021-ум низ, чун дар солҳои 2019-2020-ум, ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарони дар озмуни тақсимот комёбгардида камтар аст ва фарқи ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарон 14,34 %-ро ташкил медиҳад. Чунонки аз таҳлили нишондиҳандаҳои комёбшавии духтарон ва писарони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11 ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи минтақаҳо бармеояд, ҳиссаи чунин духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарони дар озмуни тақсимот комёбгардида камтар аст. Яъне, новобаста аз зинаи таҳсилот, нишондиҳандаи комёбшавии духтарон аз чунин нишондиҳандаи писарон пасттар аст.

***Савзалӣ ҶАЪФАРЗОДА,***
***директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

ПИРӮЗӢ

## Шаҳноза Туробова – ғолиби озмун

Даври дуюми озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2022» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шуғнон баргузор шуд. Дар даври аввали озмун 18 омӯзгор ширкат намуданд, ки чаҳор нафарашон ба даври ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд.

Ба гуфти раиси комиссияи озмун Ризо Кабиров, "ҳадафи аслии ин озмун- дарёфти омӯзгори нававару эҷодкор, қадрдонии заҳмат ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгорон мебошад. Дар доираи низомнома довталабон аз рӯи 7 шарти пешниҳодшуда байни ҳам рақобат мекунанд. Дарси конкурсӣ, муаррифии таҷрибаи корӣ, таҳлили дарс аз ҷумлаи шартҳои муҳими ин озмун мебошанд. Ба таври дақиқ матраҳ намудани мавзӯъ, дода тавонистани донишҳои нав ба шогирдон, фаъол будани хонандагон дар дарс ва ҳарчӣ бештар бедор кардани завқи хонандагон нисбат ба илму дониш ва амсоли инҳо ба шарти дарси конкурсӣ дохил мешаванд. Дар баробари ин, довталаб бояд дар озмун бо истифода аз маводи таълимӣ-методӣ ва технологияи муосир таҷрибаи инноватсионии худро муаррифӣ намояд. Ба ин васила собит намояд, ки дар касби худ пешсаф аст ва ҳар дарсаш бо усулу услуб ва сабки нав ҷолибу шавқовар мегузарад, аз тафаккури интиқодӣ бархурдор аст ва аз танқиду эродҳои ҳамкасбони худ наҳаросида, бароиислоҳашон саъю талоши бештар мекунад".

Ҳамин тариқ, ҷои аввал ва унвони «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2022" насиби омӯзгори забони русии муассисаи таълимии №1, Ҷамоати деҳоти ба номи Ғарибшо Шаҳбозови ноҳияи Шуғнон Шаҳноза Туробова гардид. Акнун ин муаллим шарафи омӯзгорони ин ноҳияро дар озмуни вилоятӣ ҳифз хоҳад кард.

АРҶГУЗОРӢ

## Баррасии роҳҳои ҷалби омӯзгорон

Вақте расидааст, ки мо бояд бо дарназардошти зиёдшавии аҳолӣ – кӯдакони синни томактабӣ ва хонандагон, ба синни ниҳоии нафақа расидани омӯзгорон, тарки вазифа намудани бархе аз мутахассисон, фаъолияти омӯзгорони ғайриихтисосу ғайрипедагог вазъи воқеиро бо таҳлилҳо мушаххас ва аниқ намуда, то оғози соли таҳсили 2022-2023 тадбирҳои амалӣ андешем. Ин нукта зимни баргузории ҷаласаи ҳайати мушовараи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе баён гардид.

Ҷаласа бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Баҳром Исмоилзода, аъзои мушовара, кормандони дастгоҳи марказии Сарраёсати маориф, мудирони шуъбаҳои маориф, роҳбарони муассисаҳои тобеи Сарраёсати маориф ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии шаҳри Душанбе баргузор шуд.

Сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Баҳром Исмоилзода иброз дошт, ки баҳри аз рӯи ихтисос фаъолият намудан, ба курсҳои бозомӯзиву такмили маҳорату касбият фаро гирифтани омӯзгорону мураббиён вобаста ба синну сол, таҷриба ва собиқаи корӣ, ҷалби мутахассисони варзида ба фаъолият дар муассисаҳои таълимӣ, бо кор таъмин намудан, сарпарастӣ ва ҳавасманд гардонидани мутахассисони ҷавон – хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тамоюли омӯзгорӣ бояд то оғози соли таҳсили нав корбарӣ карда шавад.

**Варзишгарони ҷавони тоҷик дар Ҷоми Осиё оид ба гӯштини дзюдо миёни наврасон ва ҷавонон соҳиби ду медал – як тилло ва як биринҷӣ гардиданд.**

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ

# Воситаҳои техникӣ дар дарсҳои математика

*Барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ омӯзгорро зарур аст, ки аз воситаҳои техникии таълим босамар истифода намоянд. Ҳоло дар мамлакати мо ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бо синфхонаҳои компютерӣ муҷаҳҳаз мебошанд, лекин компютер бе таҷҳизоти техникии иловагӣ, аз қабили проектор, тахтаи электронии интерактивӣ, медиатекаҳо номукаммал аст.*

Якчанд сол пештар омӯзгор аз дастрас набудани сахтафзорҳо, яъне CD дискҳои омӯзишӣ ва инчунин, барномаҳои электронии омузишӣ мушкилиҳо дошт, имрӯз аз норасоии вақт барои шинос шудан бо навовариҳои технологияи иттилоотии муосир шикоят мекунад. Дар шабакаи ҷаҳонии



интернет ресурсҳои электрониро дарёфт кардан мумкин аст, ки барои пурсамар омӯзонидани хонандагон ба омӯзгор ёрии амалии худро мерасонанд. Масалан, омӯзгорони математика ҳангоми таълими фасли стереометрия аз воситаҳои аёнӣ, нақшаҳо истифода мекунанд, ки ин барои хонандагон каме дилгиркунанда аст. Барои ҷалби ҳамаи хонандагон, бедор кардани шавқу рағбати онҳо ба маводи омӯхташаванда диски омӯзишии “Стереометрияи кушода” ёрии калон мерасонад, ки дар он модели сеченаки бисёррӯяхо дода шудааст. Бо пахши яккаратаи мушак призмаи секунҷаро бо панҷкунҷа ва ҳашткунҷа иваз намудан мумкин аст, ё ки андозаҳои хаттии тегаҳо, радиуси давраро каму зиёд бояд кард. Инчунин, бо тағйир додани яке аз параметрҳо, барнома барои масоҳати сатҳи паҳлуӣ ва масоҳати сатҳи пурра, инчунин, ҳисоб кардани ҳаҷми бисёррӯяхо қимати навро ҳосил мекунад ва ин барои омӯзгор имконияти васеъ барои ҳалли масъалаҳои стереометрӣ ва санҷиши онҳо фароҳам меоварад. Ба ҳамагон маълум аст, ки сохтани графики функсияҳо дар дарсҳо вақти зиёдро талаб менамояд. Бо ёрии компютер хонандагон мустақилона графикҳои функсияҳои элементариро ба графикҳои функсияҳои мураккаб ба таври осон табдил медиҳанд. Барномаҳои чандрасонаие мавҷуданд, ки сохтани графики функсияҳои гуногунро ба маротиб осон менамоянд. Ҳамаи ин табдилдиҳиҳою сохтанҳоро ба таври аёнӣ дидан имконпазир аст. Масалан, барномаи зерин, ки FBK Grapher ном дорад, барои сохтани графики функсияҳои гуногун дар координатаҳои декартӣ, қутбӣ ва сферикӣ истифода бурда мешавад. Барои таълими мавзуъҳо ба таври намоишӣ тахтаи электронии интерактивӣ ёрии калон мерасонад, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар як вақт якчанд мисолу масъалаҳоро ҳаллу фасл намояд ва вақти худро пурсамар истифода кунад.

Барномаи муаррифии Microsoft Power Point барои омодасозии маводи таълимии баландсифат ба омӯзгор мададгор аст. Ин барнома ба муаллим имкониятҳои васеъ барои ташкили тамоми корҳои таълимии хонандагон фароҳам меорад: сохтани диаграммаҳо, аниматсияҳо, гиперклинкҳо, илова кардани триггерҳо, видеоҳо, садоҳо, аз ҷумла, шарҳҳои худ, тарроҳии гуногун, асбобҳои рассомии худ, сабти кор.

Хулоса, дар замони муосир воситаҳои техники таълимро бе технологияҳои иттилоотию иртиботӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Технологияи иттилоотию иртиботӣ дар таълим, равандҳои иттилоотӣ ва усулҳои кор бо иттилоот, муаррифии он бо ёрии технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои таълим мебошанд. Ҳаҷми маълумоте, ки муаллим бояд бо он кор кунад, сол аз сол меафзояд. Ҳамаи иттилоот ба қатори вазифаҳои касбӣ нигаронида шудаанд, ки дар байни онҳо ҳавасмандии хонанда ба фаъолияти таълимӣ, рушди мустақилияти таҳсилотии ӯ, фаъолияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Дар ҷаҳони муосир, талабот ба истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар таълим ниҳоят муҳим аст. Қобилияти истифодаи ТИИ яке аз меъёрҳои арзёбии таҷриба ва маҳорати касбии омӯзгор мебошад.

Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор, аз як тараф, воситаи омӯзиш ва воситаи таъмин намудани дониш ва аз ҷониби дигар истифодаи воситаҳои гуногуни иттилоотӣ автоматикунонии коркарди маводи таълимӣ мебошад.

***Ҳакимхоҷа МУҲАММАДОВ,*
*омӯзгори математикаи МТМУ №2-и ноҳияи Айнӣ***

# Фанне ҳамбаста бо воқеияти ҳаёт

Ҳамчун Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон шудани солҳои 2020 – 2040 дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо иқдоми хеле муҳим ва манфиатбор буда, пеш аз ҳама, ба омӯзиши ҳар чи бештару амиқтари фанҳои мазкур, ки дар ҷаҳони муосир барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёт нақши бориз доранд, мусоидат мекунад. Ин иқдом, ҳамчунин, дар назди аҳли маориф, махсусан, омӯзгорон вазифаҳои ҷиддӣ ва масъулиятбор ба миён мегузорад. Бояд фанҳои дақиқ бо методҳои навину босамар, дар ҳамбастагӣ бо воқеияти рӯзгор омӯзонида шаванд. Таъсису муҷаҳҳазсозии кабинетҳои фаннӣ вобаста ба фанҳои дақиқу табиатшиносӣ, таҳияи дастурҳои замонавии методӣ, чопи луғатномаҳо донишномаҳои соҳавӣ, вусъатбахшӣ ба ҳамкорию табодули таҷриба байни омӯзгорон, мунтазам баргузор намудани курсҳои такмили ихтисос ва монанди инҳо тадбирҳое мебошанд, ки ба самаранокии таълиму тадриси фанҳои дақиқ мусоидат мекунанд. Хеле хуб мебуд, агар омӯзгорони математикаю алгебра ва геометрия дар огози ҳар соли нави таҳсил чанд лаҳзаи дарси аввалашонро ба тавзеҳи фанҳои мазкур, ташреҳи аҳамияту моҳияти онҳо ва таърихи ташаккулу рушдашон бубахшанд.

Масалан, вобаста ба мафҳуми алгебра ба хонандагони зинаҳои дуюму сеюми таҳсилот маълумоти зерро овардаву шарҳ додан амали манфиатбор хоҳад буд ва таваҷҷуҳи шогирдонро ба фанҳои болозикр бештар хоҳад кард.

Бино ба таъкиди муҳаққиқони соҳа, алгебра қисми қадимтарини математика буда, маҷмуъҳои



элементҳояшон дилхоҳро, ки дар онҳо амалҳои алгебравӣ иҷро мешаванд, меомӯзад. Алгебраи элементарӣ яке аз соҳаҳои алгебра ба шумор меравад ва муодилаву нобаробариҳои дараҷаи якум ва дуюм, ҳолатҳои хусусии муодилаҳои дараҷаҳои олӣ, маҳфуми адад, табдилоти айниятӣ ва масъалаҳои комбинаторикаро меомӯзад.

Алгебраи олӣ алгебраи хаттӣ, назарияи гурӯҳҳо, назарияи майдон, бисёрузваҳо, ҳалқа, модул ва структураҳоро дар бар мегирад.

Ба маънои васеаш алгебра илмест дар бораи маҷмуаҳои гуногунэлемент, ки дар онҳо амалҳои одии ҷамъу зарб иҷро мешаванд. Алгебра якҷо бо арифметика ва геометрия аз қадимтарин қисмҳои математика буда, дар иртибот ба талаботи амалии ҷомеа ва дар натиҷаи ҷустуҷӯи тарзҳои умумии ҳалли масъалаҳои арифметика ба вуҷуд омадааст. Чунонки дар таърихи математика оварда мешавад, бобулиёни қадим муодилаҳои дараҷаи якуму дуюмро ҳал карда метавонистанд, вале аломату ишоратҳои математики онҳо номукаммал буд.

Дар баробари намояндагони юнониҳои қадим фарзонафарзандони халқи тоҷик низ барои инкишофи илми алгебра ҳиссаи мондагору сазовор гузоштаанд. Донишманди тавонои тоҷик Хоразмӣ дар рисолааш “Ал-қабр в-ал муқобала” бори нахуст тарзи ҳалли муодилаҳои квадратиро бо коэффитсиентҳои ададӣ нишон додааст. Ба таъкиди уламо, истилоҳи алгебра дар натиҷаи ба забони лотинӣ ба ҳамин шакл тарҷума шудани асари мазкур пайдо шуда. Мутафаккирони номвари тоҷик Умари Хайём, Абулвафои Бузҷонӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, Алоуддини Қӯшчӣ... дар рушди илми алгебра дар сатҳи ҷаҳонӣ хидматҳои арзишманд кардаанд...

Дар ин мавзуъҳо ба таври таваҷҷуҳбарангез ва шавқовар сухан гуфтан ба шогирдон зимни дарсҳои алгебра хеле муфид хоҳад буд.

***Зебинисо СОЛИБОЕВА,*
*омӯзгори математикаи мактаби №35-и ноҳияи Шоҳмансур***

КИТОБИ НАВ

# Ҳалли масъалаҳои химиявӣ

Маҷмуаи нави илмию амалии олимон Ғ.Бобизода, Х.Бобиев, Р.Акрамзода ва К.Бобоев бо номи “Ҳалли масъалаҳои химиявӣ” бо тавсияи Шурои методии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз чоп баромад. Моҳияту ҳадафи таълифи дастури мазкурро муаллифон дар сарсухани он ба таври мӯҷазу дақиқ тавзеҳ бахшидаанд:




“Ба ҳамагон маълум аст, ки давраи гузариши аз раванди анъанавии таълимӣ ба сохти нави умумибашарӣ – “Системаи кредитӣ” мавқеи корҳои мустақилонаро дар раванди таълим дучанд афзун намуд. Маҷмуае, ки шумо дар даст доред, аз ду бахш иборат буда, ба фаслҳои кимиёи ғайриузвӣ ва узвӣ бахшида шудааст. Дар фасли аввал саволҳо ва машқҳо барои корҳои мустақилона аз кимиёи ғайриузвӣ ва узвӣ интихоб гардидаанд. Хонандагон ва донишҷӯён метавонанд ҳангоми дарёфти ҷавобҳо аз кимиёи ғайриузвӣ ва узвӣ ба пуррагӣ бархӯрдор шаванд”.

Дар китоб вобаста ба мавзуъҳои таълимӣ аз химияи умумӣ ва химияи органикӣ масъалаҳо ва роҳу усулҳои ҳалли онҳо пешниҳод шудаанд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»***

15 май дар Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ дар шаҳри Душанбе зиёда аз 46 500 нафар иштирок карданд.

*Як озмоиш пеши ман бартар аз ҳазор назария аст.*
*Михаил Ломоносов*

«Омӯзгор» № 20, 19 майи соли 2022

# Ғолибони Ҷоизаи Аббос Алиев

**16-уми майи соли равон дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфили рӯнамоии китоби “Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон” ва натиҷагирӣ аз озмуни маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” барои дарёфти “Ҷоизаи Аббос Алиев” дар соли 2021 доир гардид.**

Нахуст, Р. Саидзода - вазири маориф ва илм зимни суханронии хеш, аз ҷумла, иброз дошт, ки Аббос Алиев яке аз поягузорони матбуоти миллӣ махсуб мешавад ва ӯ муҳаррири масъули аввалин рӯзномаи давлатии Тоҷикистон “Иди тоҷик” (минбаъд “Бедории тоҷик”) буд, ки ҳоло номи “Ҷумҳурият”-ро дорад. Маҳз бо ибтикори ӯ аввалин нашрияи соҳавии маориф – маҷаллаи “Дониш ва омӯзгор” таъсис ёфт, ки нахустин маҷалла дар кишвари мо махсуб мешавад ва муҳаррири масъули он низ нозири маориф Аббос Алиев буд. Ин маҷалла бо мурури замон борҳо тағйири ном намуд ва айни ҳол бо номи



“Маърифати омӯзгор” фаъолият дорад. Ҳамчунин, бо саъйи сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” Шодӣ Шокирзода китоби “Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон” таълиф ва чоп гардид, ки ба зиндагинома, фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву адабии Аббос Алиев бахшида шудааст. Умедворам, ки мутахассисони соҳа арзишу моҳияти ин рисоларо ба гунаи саҳеҳ барои мо бозгӯ менамоянд.

Сипас, сармуҳаррири маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” ва муаллифи китоби “Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон” Шодӣ Шокирзода қайд кард, ки нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» бо мақсади татбиқи амалии дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои маориф, илм, адабиёт ва матбуот дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои пажуҳишҳои таълимию методӣ, инчунин, асарҳои илмиву публитсистӣ ва адабие, ки бахри баланд бардоштани савияи худогоҳиву хештаншиносии насли наврас таъсиргузоранд,



## ТАҲҚИҚ

# Пажуҳише оид ба

**Омӯзиши таърихи фарҳанг, илму маориф ва матбуоти тоҷик заминаи асосии шинохти бештар доир ба ҳувият, худшиносиву худогоҳии миллӣ махсуб меёбад. Дар замони соҳибистиқлолӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи фарҳанг ва илму маорифи кишвар имкони васеъ фароҳам омад ва дар ин ҷода корҳои судманде ба анҷом расонида шуданд. Нақши шахсиятҳо дар рушди давлатдорӣ, илму маориф, фарҳанг ва матбуоти тоҷик дар ҳама давру замон таъсиргузор аст.**

Ҳамин аст, ки доир ба корномаву фаъолияти чеҳраҳои барҷаста, ба мисли устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон асарҳои зиёди илмиву оммавӣ таълиф гардиданд. Осори мазкур на танҳо ба шинохти абармардони миллат, балки ба муайян кардани саҳифаҳои норӯшани таъриху фарҳангу адаби кишвар мусоидат мекунанд. Дар арсаи маорифу илм ва матбуоти тоҷик баргузидаҳое ҳастанд, ки бо фаъолияти пурсамар ва фарогир дар рушду такомули ин соҳаҳо саҳми бориз гузоштаанд. Ба андешаи инҷониб, фаъолият ва зиндагии ибратомӯзи онҳо барои аҳли ҷомеа муҳиму судманд мебошад. Аввалин профессори тоҷик, нахустин нозири маорифи Тоҷикистон ва яке аз созмондиҳандагони матбуоти тоҷик Аббос Алиев аз ин сифат бархӯрдор буда, дар рушду инкишофи маорифу илм ва матбуоту фарҳанги тоҷик хидматҳои барҷаста анҷом додааст. Дар мавриди ин донишманди тоҷик ва хидмату фаъолияти доманадораш устод Абулқосим Лоҳутӣ мегӯяд, ки чун аввали декабри соли 1924 ба Тошканд омад ва ӯро дар Бюрои ташкилии Тоҷикистони Мухтор пазируфтанд, ба хушӣ фаҳмид, ки ба шуъбаи таблиғоти Ҳукумати Тоҷикистон, воқеан ҳам, инсони донишманд, фарҳангӣ ва ватанпараст роҳбарӣ мекунад. Ва ин шахс Аббос Алиев буд. Устод Лоҳутӣ ба ҳайси муовини ӯ таъйин мешавад.

Аз ҳамин порча метавон таъйид кард, ки Аббос Алиев ҳамчун шахси донишманд, худогоҳу ватандӯсту ватанпараст дар тараққии фарҳангу маорифи тоҷик хидмати арзанда кардааст ва дар доираи илму адаб ва ҳаёти сиёсию иҷтимоии вақт аз обрӯю эътибори хоссае бархурдор будааст. Ҳамин аст, ки донистани фаъолият ва хидматҳои ин шахсият фарҳехта муҳим мебошад, зеро фаъолияту ибтикороти ӯ ба асос гузоштани маорифу матбуоти тоҷик ҳамоҳанг мебошад. Китоби нави донишманди тоҷик, номзади илми филология, сармуҳаррири маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» Шодӣ Шокирзода «Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон» аз ҳамин нигоҳ навишта шуда, тамоми паҳлуҳои фаъолият ва корномаи Аббос Алиевро ба таври возеҳ инъикос кардааст. Китоб аз муқаддима, чор бобу 11 фасл, рӯйхати адабиёт ва замима таркиб ёфтааст.

Боби якуми асар «Зиндагинома ва корномаи Аббос Алиев» унвон дошта, ба фаслҳои «Нигоҳе гузаро ба зиндагиномаи Аббос Алиев», «Ҷавонтарин нозир (вазир)-и маориф» ва «Аббос Алиев – яке аз поягузорони матбуоти миллӣ» ихтисос дода шудааст. Дар ин боб муаллиф кӯшидааст, ки зиндагиномаи ин шахсиятро зина ба зина барои хонанда равшан намояд. Бояд гуфт, ки то ин дам доир ба зиндагиномаи Аббос Алиев донишмандони тоҷик М. Шакурӣ, Ш. Саъдиев, Н. Зарипов, М. Шерғозиев, М. Муродӣ, Ф. Умарбек китобу мақолаҳои алоҳида таълиф намудаанд. Муаллиф дар заминаи ин навиштаҳо ва бо такя ба асноду ҳуҷҷатҳои мўътамад корномаи Аббос Алиевро барои хонанда дар давраҳои гуногуни фаъолияташ таҳлилу баррасӣ кардааст. Муҳаққиқ менависад: «Аббос Алиев дар моҳи ноябри соли 1924 нозири маорифи ҶМШС Тоҷикистон таъйин шуд ва дар ин вазифа то охири соли 1926 кор кард. Солҳои 1927-1930 дар Институти шарқшиносии Москва таҳсил намуда, аз моҳи феврали соли 1930 ба ҳайси ассистенти кафедраи ленинизми Институти пахтакориву обёрӣ ва педагогии Осиёи Миёна (САХИПИ) кор мекард ва аз фанни ҷомеашиносӣ дарс мегуфт. Аз соли 1931 то охири умр дар мактабҳои олии Шуравӣ (Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Осетия, Қирғизистон, Украина, Қазоқистон) фаъолият намуд. Аз соли 1930 ба пажуҳиши илмӣ пардохт ва дар солҳои охири умраш дар Донишгоҳи ба номи Кирови Қазоқистон кор мекард. Соли 1957 шурои илмии ин донишгоҳ панҷоҳсолагии зодрӯз ва 25-солагии фаъолияти илмиву омӯзгории мудири кафедраи таърихи умумӣ, доктори илми таърих, профессор Аббос Алиевро қайд намуд…».

Бояд гуфт, ки соли 1932 ба Аббос Алиев унвони профессор дода шуд ва соли 1946 дараҷаи илмии доктори илми таърихро ба даст оварда, 16 январи соли 1958 дар шаҳри Алма-Ато аз олам чашм пӯшид.

Мавриди таъкид аст, ки муаллиф дар ҳамин фасл ба таври мухтасар, вале бо арқому далели воқеӣ зиндагиномаи ин арбоби сиёсиро барои хонанда бармало намуда, дар заминаи омӯзиши васеъ сухану далелҳои навро барои хонанда пешниҳод кардааст.

Дар идома муҳаққиқ хидматҳои Аббос Алиевро ҳамчун аввалин нозири маорифи Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ ва андешаҳояшро тавъам бо далелу арқом ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ баён мекунад: «Моҳи декабри соли 1924 аз Ӯзбекистон 36 нафар кормандони маориф бо роҳбарии Аббос Алиев ба Душанбе фиристода шуданд, то дар ташкил ва роҳандозӣ намудани низоми маориф, инчунин, тайёр намудани мутахассисони баландсавия дар Тоҷикистон ёрии амалии худро расонанд. Дар таърихи 14-уми декабри соли 1924 бо қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Аббос Алиеви биступанҷсола нозири Нозироти халқии маориф, Муҳаммадҷон Ҳасанӣ муовини нозир ва Абулқосим Лоҳутӣ раҳбари Шурои илмии давлатӣ




(илмӣ –методӣ) таъйин шуданд. Дар навбати аввал самтҳои асосии рушди низоми маорифи халқ дар Тоҷикистон муайян гардида, тарбияи иҷтимоӣ, касбӣ ва сиёсию маърифатӣ дар авлавият қарор дода шуд».

Бояд гуфт, ки Аббос Алиев ҳангоми фаъолият дар вазифаи нозири маориф (солҳои 1924-1926) дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон дар таъсиси аввалин мактабҳои Шуравӣ, тарбияи муаллимон, ба вуҷуд овардани низоми нави таҳсилот ва саводноку бомаърифат гардонидани тамоми аҳли ҷомеа хидматҳои шоистаро ба анҷом расонид. Дар ин фасл хизматҳои Аббос Алиев зина ба зина рақамзанӣ шудааст, ки саҳифаҳои навро барои хонандаи тоҷик равшан менамоянд. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки 14 декабри соли 1924 – Нозироти маорифи Тоҷикистон таъсис дода шуда, 11 феврали соли 1925 ба Душанбе кӯчонида шуд, вале амалан 5 март оғози фаъолияти Нозироти маориф мебошад, ки ба гумони инҷониб, ҳамасола таҷлили ин рӯз ҳамчун рӯзи таъсиси маориф ва ёди шахсиятҳое, ки дар рушди маориф хизмат кардаанд, манфиатбор хоҳад буд.

Паҳлуи дигари фаъолияти Аббос Алиев таъсиси матбуот ба забони тоҷикӣ мебошад. Дар китоб ин самти фаъолияти Аббос Алиев низ хеле дақиқу равшан бозгӯйӣ шудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ, «Аббос Алиев ҳанӯз аз ибтидои соли 1920 дар кори матбуот фаъолона иштирок намуда, таҷрибаи кофии рӯзноманигорӣ дошт. Ӯ муддате дар нашрияи «Известия»-и Кумитаи иҷроияи Марказии Бухоро фаъолият намуда, ҳамчунин, яке аз аввалин муҳаррирони «Озод Бухоро» буд».

Мо хуб медонем, ки баъди таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон тасмим гирифта шуд, ки 15 марти соли 1925 дар шаҳри Душанбе ташкили ҶМШС Тоҷикистон расман эълон ва дар ин замина рӯзномае созмон дода шавад, ки бевосита ин санаи фархундаро бозтоб намояд. Ҳамин хел ҳам шуд, яъне аввалин рӯзнома ба номи «Иди тоҷик» («Ҷумҳурият»-и имрӯза) таъсис ёфт ва аввалин муҳаррири он Аббос Алиев таъйин гардид. Ин далолат аз он мекунад, ки дар баробари нозири маориф будан Аббос Алиев ҳамчун рӯзноманигор ва огоҳманд аз кори матбуот шинохта шудааст. Дар ин замина минбаъд низ Аббос Алиев корҳои шоистаи таҳсинро ба анҷом мерасонад. Аз ҷумла, моҳи январи соли 1926 дар Нозирати маорифи Тоҷикистон тасмим гирифта мешавад, ки маҷаллае таъсис дода шавад, ки бевосита дар инъикоси масъалаҳои мактабу маориф ва илму адаб саҳм дошта бошад. 5 марти соли 1926 шу-

Дар пойтахти мамлакат дар мавзуи «Оила – хазинаи хушбахтӣ» барномаи идона доир гардид.

# муайян шуданд

ҳамзамон, ба хотири гиромидошти аввалин нозири маорифи Тоҷикистон ва профессори тоҷик, яке аз бунёдгузорони матбуоти миллӣ Аббос Алиев “Ҷоизаи Аббос Алиев”-ро таъсис дода буд. Низомномаи озмуни мазкур бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми кишвар моҳи июни соли 2021 тасдиқ гардид ва он дар ду сол як маротиба баргузор мегардад. Ҷоизаи мазкур дорои шаҳодатнома, нишон ва маблағи пулӣ мебошад.

Дар идома, Нуъмонҷон Ғаффорӣ - доктори илмҳои таърих, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Ноилшо Нурализода - сармуҳаррири ҳафтаномаи “Омӯзгор” вобаста ба китоби “Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон” андешаҳои худро манзур намуданд.

Ёдовар мешавем, ки ба озмуни маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” барои дарёфти “Ҷоизаи Аббос Алиев” дар соли 2021 10 нафар довталаб мавод пешниҳод кард ва баъд аз омӯзишу хулосаи кумитаи тадорукоту аъзои ҳакамон 4 нафар ғолиби озмун дониста шуд. Аз ҷониби вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ба Муҳаммад Лутфуллозода-академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои силсилаи асарҳо вобаста ба педагогикаи миллӣ, Абдулҳай Комилӣ-профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои силсилаи асарҳо роҷеъ ба зиндагинома ва осори чеҳраҳои бузурги илму адаби тоҷик, Мамадҷон Маҳкамов-дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои силсилаи асарҳои илмиву методӣ аз риёзиёт ва Азим Байзоев-ходими калони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои китоби “Масъалаҳои мубрами соҳаи маориф” “Ҷоизаи Аббос Алиев” тақдим карда шуд. Инчунин, ду нафар иштирокчии озмун - Азизбек Зумратов ва Шамсиддин Тоштемиров-омӯзгорон аз шаҳри Душанбе бо “Сипоснома” сарфароз гардиданд.



Ҳамзамон, дар қатори иштирокдорону ғолибони озмун, бо пешниҳоди кумитаи тадорукот ва ҳайати эҷодии маҷалла собиқ вазирон ва нафароне, ки дар рушди маорифи миллӣ саҳми шоиста гузоштаанд, бо “Ҷоизаи ифтихории Аббос Алиев” мукофотонида шуданд. Аз ҷумла, собиқ вазирони маориф Талбак Назаров, Бозгул Додхудоева, Мунира Иноятова, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Нуриддин Саид, Муҳаммадюсуф Имомзода ва собиқ муовини вазири маориф Ирина Каримова соҳиби “Ҷоизаи ифтихории Аббос Алиев” гардиданд.

***Бахтовар САФАРОВ,***
***корманди Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илм***

# нахустнозири маориф

мораи якуми маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» ба табъ мерасад, ки муҳаррири нахустини он низ Аббос Алиев аст.

Дар боби дуюми асар – «Муруре ба осори Аббос Алиев» муаллиф Аббос Алиевро ҳамчун муҳаққиқ ва донишманди тоҷик ба хонанда муаррифӣ мекунад. Маълум мегардад, ки Аббос Алиев дар баробари иҷрои вазифаҳои гуногуни давлатӣ ба ҳайси донишманди пуркору сермаҳсул муаллифи 29 асари илмист, ки муҳтавои онҳоро масъалаҳои гуногуни таърих, адабиёт ва забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ба таъкиди Ш. Шокирзода, «мутаассифона, аз китобҳои сершумори чопшудаи Аббос Алиев дар китобхонаҳои кишвар танҳо як нусха китоби илмӣ-оммавии «Октябри Кабир ва бедории шуури инқилобии халқҳои Бухоро» дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мавҷуд асту халос» ва зимни таҳлил ба ин натиҷа мерасад, ки шояд аксари асарҳои Аббос Алиев (то зиндонӣ шуданаш) дар солҳои таъқиботи сталинӣ маҳв шуда бошанд, ё нусхаи таълифоти ӯ дар китобхонаву бойгониҳои давлатҳои Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Озарбойҷон ва кишварҳои дигар мавҷуд бошанд. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи аҳли илму адаб, махсусан, муаррихон дарёфти нусхаи ин китобҳо ва онҳоро дар хидмати аҳли ҷомеа қарор додан мебошад.

Ҳамин тариқ, муаллиф, рисолаи «Октябри Кабир ва бедории шуури инқилобии халқҳои Бухоро»-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҳар фаслу боби онро тавзеҳ бахшидааст. Дар баробари ин, дар қисмати дигар муҳтавою ғояи мақолоти ӯро шарҳ додааст. Аз ҷумла, яке аз мақолаҳои ӯ «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» ба ҳифзи забони тоҷикӣ ва тақсимоти ҳудудию марзи тоҷикон бахшида шудааст ва аз беҳтарин навиштаҳо дар солҳои бистуми асри XX маҳсуб меёбад. Дар мақола Аббос Алиев ҳамчун муаррих ва донишманди тоҷик барои дифои миллати тоҷик руҷӯъ ба решаҳои таърихии забони тоҷикӣ мекунад ва макони аслии ориёиҳоро Осиёи Миёна меҳисобад ва мавҷудияти ин миллатро бо овардани арқому далел ва бо такя ба осори муътамад нишон медиҳад. Инчунин, мавқеи забони тоҷикиро дар дарозои таърих ба сифати забони давлатдорӣ мушаххас мекунад. Бояд гуфт, ки мақолаи мазкур бо таҳлилу таҳқиқи фарогир дар замони пуртазоди муборизаҳои сиёсиву идеологӣ хидмати босазо кардааст ва муаллиф тоҷиконро ҳамчун миллати дорои забону таъриху фарҳанги ғанӣ ба оламиён муаррифӣ бинмудааст.

Дар бахши дигари китоб, ки «Дар паҳнои мубоҳисаҳо» унвон дорад, муаллиф ба масоили «Аббос Алиев ва масъалаи табдили алифбои арабиасос ба хати лотинӣ», «Аббос Алиев ва Рӯзи Рӯдакӣ, дар саргаҳи худшиносии миллӣ» ва «Чаро Аббоси Алиев зиндонӣ шуд?» посух меҷӯяд.

Нуктаи дигари ҷолиб дар ин бахш бозгӯйи хидмати Аббос Алиев ҳамчун ташаббускор аз таҷлили Рӯзи Рӯдакӣ мебошад, яъне шахсияти ӯ дар муаррифии чеҳраҳои фарҳангӣ ва илму адаби тоҷик бузургу мондагор аст. Дар адабиётшиносии навини тоҷик аввалин мақолаи илмӣ доир ба қофиласолори адабиёти форсу тоҷик, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мақолаи донишманди тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ бо номи «Шоири бузурги нахустини тоҷикон, устод Абулҳасани Рӯдакӣ» маҳсуб меёбад, ки дар ду шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расидааст. Дар ин навишта муаллиф аз хидматҳои устод Рӯдакӣ ёдоварӣ карда, ба нозироти маорифи ҷумҳурӣ пешниҳод менамояд, ки бояд ҳазорсолаи устод Рӯдакӣ таҷлил гардад. Ин нуктаро адабиётшиноси дигари тоҷик Ҳамид Бақозода низ тақвият бахшида, ҳамсола таҷлил намудани Рӯзи Рӯдакиро пешниҳод мекунад.

Пешниҳоди донишмандони тоҷик аз ҷониби Аббос Алиев ҳамчун нозири маорифи Тоҷикистон ба хушнудӣ пазируфта мешавад. Муаллиф дар ин маврид менависад: «Дар арафаи Наврӯзи соли 1926 ҳайати мушовараи Нозироти маорифи ҶМШС Тоҷикистон рӯзҳои 2-3 –юми иди Наврӯз - Соли навро Рӯзи Рӯдакӣ таъйин кард». Дар замони соҳибистиқлолии кишвар гиромидошти адибону мутафаккирони тоҷик дар сатҳи шоиста аст, аз ҷумла, ҳамасола 22 сентябр ҳамчун Рӯзи Рӯдакӣ бо шаҳомати хоса таҷлил мегардад.

Масъалаи худшиносии миллиро дар фаъолият ва навиштаҳои Аббос Алиев ба таври равшан метавон мушоҳида кард. Ӯ дар қатори ходимони сиёсию давлатӣ Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Абдулқодир Муҳиддинов, Нисор Муҳаммад, Чинор Имомов ҳомии манфиатҳои миллӣ дар тараққии давлати тоҷикон ба ҳайси Ҷумҳурии Мухтор ва сипас, ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ хидмати босазо кардааст.

Муҳаққиқ доир ба зиндонӣ шудани Аббос Алиев далелҳои ҷолибе овардааст. Омӯзиши он метавонад хонандаро ба ин хулоса биорад, ки маҳз баҳс атрофи масъалаҳои миллӣ бо раиси Шурои нозирони ҶШС Ӯзбекистон Файзулло Хоҷаев, ки ба таҳқиру тундгӯиҳо анҷом ёфтааст, сабаби ҳабси ӯ мешавад.

Муаррих Шухрат Саъдиев дар асоси маводи бойгонӣ сабаби зиндонӣ шудани Аббос Алиевро аз забони худаш меорад: «Дар Ӯзбекистон ман боз ба «абарқудратон рӯ ба рӯ шудам… Сабаби ба ҳабс гирифта шуданам навиштани асаре буд, ки дар он ман ғалату камбудиҳои китоби раиси Шурои нозирони ҶШС Ӯзбекистон Файзулло Хоҷаевро, ки ба инқилоби Бухоро бахшида буд, фошу танқид карда будам».

Инчунин, муаллиф бо такя ба навиштаҳои академик М. Шакурӣ сабаби аз қатл раҳоӣ ёфтани Аббос Алиевро ин тавр зикр мекунад: «Соли 1936, замоне ки Аббос Алиев зиндонӣ шуд ва пас аз чанд муддат ҳукми қатлаш содир шуд, хоҳари ӯ ба назди ҳамсари устод Лоҳутӣ – Ситсилия Бону рафта, арзи ҳол кард. Маҳз Абулқосим Лоҳутӣ буд, ки дар Маскав ба идораҳои болоӣ муроҷиат кард ва бо ҷаҳду талоши бисёр тавонист ҳукми қатлро ба панҷ соли табъид иваз намояд».

Робитаву муносибати Аббос Алиев бо аҳли адаби тоҷик низ шоистаи ибрат аст. Оид ба фаъолияти илмиву омӯзгориии Аббос Алиев низ дар китоб фаслҳои алоҳида бахшида шудааст, ки дар шинохти бештари ӯ ҳамчун донишманду педагог мусоидат мекунанд. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар шаҳри Душанбе барои абадӣ гардонидани хотираи неки ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик гузоштани нимпайкара, ба номи ӯ гузоштани кӯча ва боғи фарҳангӣ ба манфиати кор аст. Инчунин, ташкили «Ҷоизаи Аббос Алиев» аз ҷониби маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» шоистаи дастгирист ва гумон мекунам, ки ин озмун, аз як тараф, дар муаррифии бештари ин чеҳраи шинохтаи маорифу илм ва матбуот мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба рушду инкишоф ва таҳаввули маорифи миллӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Дар китоб 6 мақолаи Аббос Алиев – «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он», «Масъалаи алифбои тоза», «Таърих ба сухан даромад», «Сиёсати ҷаҳонгирони англис дар Афғонистон», «Дунёи сармоядорӣ дар Шарқи Наздик», «Ёрӣ ба журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ва «Маърӯзаи Аббос Алиев дар конфронси муаллимони Бухоро» замима шудааст. Дар қисмати охири китоб бо номи «Аксҳо ҳикоят мекунанд» силсилаи расмҳои Аббос Алиев оварда шудааст, ки ҳамчун оина инъикоскунандаи як давраи таърихи кишвари азизамон мебошад.

Ба назари инҷониб, китоби «Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон» арзиши баланди илмию назариявӣ дорад.

**Якум.** Китоби мазкур аввалин асари пажуҳишие ба ҳисоб меравад, ки дар шакли монография таълиф гардидааст ва аз ҷиҳати сохтор ва мазмуну муҳтаво бобу фаслҳои китоб тақвиятбахши ҳамдигаранд

**Дуюм.** Муаллиф ҳангоми таълифи рисола аз сарчашмаю адабиёти зиёде истифода намуда, зимни таҳлилу баррасиҳо иқтибосҳои зарурӣ оварда, андешаҳои худро дар ин замина ироа кардааст.

**Сеюм.** Маълум мегардад, ки дар таълифи рисола муаллиф заҳмату талоши зиёд ба харҷ додааст ва бештар ба маъхазҳои муътамад такя ва аз усули таърихию қиёсӣ ва контентӣ истифода кардааст.

**Чорум.** Донишманди мӯҳтарам Шодӣ Шокирзода дар китоб гоҳо иқтибосҳои зиёдро паиҳам овардааст, ба гумони мо, бамавқеъ буда, ҳамчун раҳнамо ба омӯзиши бештари он асарҳое, ки дар ин замина ба вуҷуд омадаанд, ба хонанда кумак менамояд.

**Панҷум.** Китоби мазкур аз ду ҷиҳат барои муҳаққиқон муҳим аст. Агар, аз як тараф, Аббос Алиев ҳамчун нахустин вазири маориф ва созмондиҳандаи матбуоти миллӣ барои хонанда шиносонда шавад, аз ҷониби дигар, ҳамчун рӯзноманигор, муаррих, олим ва педагог муаррифӣ мегардад. Аз ин рӯ, ин китоб метавонад ҳам барои муаррихону педагогҳо ва ҳам муҳаққиқони соҳаи журналистика ҳамчун асари илмии муфиду судманд хидмат намояд.

**Шашум.** Забони китоб фасеҳу равон мебошад ва арқому далелҳо дар он ба тартиб оварда шудааст. Ба ин минвол, метавон дастовардҳои муҳаққиқро дар таълифи китоби «Нахустин нозири маорифи Тоҷикитон» идома бахшид…

Дарвоқеъ, донишманди тоҷик Шодӣ Шокирзода бо таълифи китоби «Нахустин нозири маорифи Тоҷикистон» хидмати арзандае дар шинохти бештари Аббос Алиев, яке аз арбобони давлатӣ ва сиёсиву адабии тоҷик, анҷом дода, дар зимн равзанаи омӯзишро барои таъриху фарҳанги миллӣ ба муҳаққиқону пажуҳишгарон боз намудааст. Номзади илми филология Ш. Шокирзодаро бо таълифи ин асари арзишманд табрик намуда, дар ҷодаи эҷоду омӯзиш ва таълифи асарҳои нав комёбиҳои бештарро барояш таманно дорем.

***Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

▶▶ Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ таҳти унвони «Оила – рукни муқаддас» конфронс баргузор шуд.

*Хаторо дидан коре нест, ислоҳ кардан ҳунар аст.*
*Михаил Ломоносов*

«Омӯзгор» № 20, 19 майи соли 2022

ТАҶРИБА

# «Фирдавсӣ» дар дарсҳои забони тоҷикӣ

***Пайдо шудани воситаҳои иттилоотӣ ва пайвастшавӣ бо шабакаи интернет аксар ҷавононро аз мутолиаи асарҳои бадеӣ дур кард, зеро онҳо вақти худро ба тамошои навору расонаҳои иттилоотӣ ва сабтҳову баҳсҳои ноҷо мегузаронанд.***

Ин вазъ барои омӯзгори имрӯза вазнинии зиёдеро пеш меорад, чунки баъзан беназоратии волидон ба фарзандон онҳоро беинтизом, бехудагӯй ва худхоҳу бепарво мекунад. Пас, омӯзгорро, махсусан, омӯзгори фанни забон ва адабиётро лозим аст, ки ҳангоми таълими ин фанҳо маҳорати худро ба кор бурда, пайваста дар ҷустуҷӯ ва гирдоварии маводи ҷолиби шавқовар бошад ва дар хотир дошта бошад, ки хонандаи имрӯз ба бархӯрди тамаддунҳо ва ақидаҳои номатлубу ифротӣ рӯ ба рӯ гардида, надоштани донишҳои мукаммал ӯро ба гирдоби ҷаҳолат меафканад.

Аз ин рӯ, бояд дар мактаб таълими забон ва адабиёти тоҷик тавъам бошад. Хуб мешуд, ки осори бадеӣ ва шахсиятҳои фарзонаи илму адаб дар дарсҳои забон низ муаррифӣ шаванд, аммо баъзан дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ҷумлаҳое оварда шудаанд, ки мазмунан ноқису бемантиқанд. Пӯшида нест, ки аксари хонандагон ба фанҳои дақиқ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ шавқ доранд, аммо вазифаи омӯзгори фанни забон ва адабиёт аз он иборат аст, ки новобаста ба касби интихобнамудаи шогирдон, онҳоро дар навбати аввал ба донистани забони модарии худ дар сатҳи баланд, сухандонию суханварӣ, таърихшиносиву адабиётдӯстӣ ва накукориву хоксорӣ тарбият намоянд.

Барои мисол, мо якчанд ҷумларо аз романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода меорем, ки хонандагонро ба фикр кардан ва донистани таърихи гузашта ва рӯзгори пурҳаводиси ҳаким Фирдавсӣ мебарад:

**Дар синфи 9**

Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз романи «Фирдавсӣ»



1. «Достонҳо мисли дарахте, ки аз зимистон баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешавад, ба зевари шеър ороста мегарданд».
2. «Фирдавсӣ гуфт: -Ниёгони мо кундтабъони хушкидадимоғ набуданд, мардумони хушзавқ буданд, ки зебоиро дӯст медошта ва мепарастиданд».
3. «Азму ҷазми он дошт, ки ҷаҳони Аҷами кайҳо фавтидаро зинда гардонад ва ҳам забони модариашро чунон қуввату пояндагӣ бахшад, ки то абад ҳеҷ як қувваи беруна ба вай футур расонда натавонад».

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз романи «Фирдавсӣ»

1. «Бо Фирдавсӣ дар мунозира шудан кори осон нест, вай донишманди гузарост, ҳаким аст».
2. «Шоҳнома» танҳо нақли манзуми ривоятҳои бостонӣ набуда, балки ифодаи андешаҳои шоир ва ҳаким дар бораи масъалаҳои рӯзмарраи замон ва ҷавоби ӯ ба он масъалаҳои дунявӣ будааст».
3. «Фармуда будем, қиссаҳоро амиқ мутолиа бикунед, маъноии ниҳоии абётро дарёбед»

**Дар синфи 8**

Ҷумлаҳои сода аз романи «Фирдавсӣ»:

1. «Шаби тор ва сафири боди сард бар дилтангии шоир меафзуд».
2. «Мусибати ногаҳонӣ Фирдавсиро ба бистари беморӣ афканд».
3. «Ҳар як бори одамӣ оқибат аз дӯш меафтад»…

***Фарзод ПАҲЛАВОНОВ,***
***омӯзгори мактаби №21,***
***ноҳияи Варзоб***

ФАЪОЛИЯТ

# Садои беғаши кӯдакон

***Ташкил ёфтани мактаб – интернати таҳсилоти ҳамагонӣ дар ноҳияи Ёвон ба солҳои соҳибистиқлол шудани кишварамон рост омад. Он аз 30 декабри соли 2001 номи Муассисаи давлатии мактаб – интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятиму бепарасторро гирифт. Ваколати идоракунии ин муассиса ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.***

Дар мактаб-интернат 188 нафар кӯдакони ятим ба тарбия фаро гирифта шудаанд ва 59 нафари онҳоро духтарон ташкил додаанд. Дар байни онҳо 156 нафар тоҷик, 27 нафар ӯзбек, 3 нафар қирғиз, 2 нафар рус мисли як оилаи мукаммал, бародарвор, таҳсилу зиндагӣ менамоянд. Тарбиятгирандагон аз падар ё модар маҳрум ва 3 нафарашон ятими кулл мебошанд.

Ба онҳо 20 нафар омӯзгор бо меҳру муҳаббати бепоён илму дониш меомӯзонанд, ки аз онҳо 16 нафарашон муаллимаҳоянд. Талабагон бо машғулиятҳои иловагӣ низ фаро гирифта шудаанд. Нуҳ нафар хонандаи муассиса дар олимпиадаи фаннии сеюми вилоятӣ иштирок намуда, 3 нафари онҳо ба даври чоруми олимпиадаи ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд. Суҳробҷон Маҳмудов ва Маҳфузулло Раҷабов дар озмуни гирандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, сазовори ин стипендия гардиданд. Инчунин, 3 нафар – Лола Давлатова, Мунира Худоёрова ва Ҳоҷибойи Мустафоқул гирандаи стипендияи раиси ноҳияи Ёвонанд.

Дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ даври якуми озмуни "Доноякˮ гузаронида шуд. Дар даври дуюми ноҳиявӣ хонандаи синфи 3 Фотима Анарқулова ба гирифтани ҷойи ифтихорӣ сазовор шуд.

Дар муассиса барои таҷлили ҷашну идҳо тайёрии ҳаматарафа дида мешавад.

Оид ба Рӯзи Модар чорабинии диққатҷалбкунанда аз тарафи хонандагону омӯзгорон пайгирӣ шуд. Бахшида ба ҷашни Наврӯз озмуни "Расми беҳтаринˮ ва "Иншои беҳтаринˮ таҳти унвони "Наврӯз ҷаҳонӣ шудˮдар байни хонандагони муассиса гузаронида шуд, ки дар ин озмун 50 нафар хонандаи синфҳои 3 – 11 иштирок доштанд. Хонандаи синфи 8 М. Худоёрова аз рӯи номинаи иншо дар ноҳия ҷои сеюмро соҳиб гардид.

Дар чорабинии фарҳангии муассиса муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Мирзозода, раиси ноҳияи Ёвон Ҷамшед Саидзода иштирок доштанд. Онҳо хонандагонро аз номи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон табрик намуда, тӯҳфа супориданд. Инчунин, меҳнати омӯзгорони пешқадам бо сипоснамаю раҳматномаҳо қадрдонӣ карда шуд.

Шогирдоне, ки дар солҳои мухталиф муассисаро хатм намуда буданд, соҳиби касбҳои гуногун шуда, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ меҳнат карда истодаанд. Онҳо ба ин ҷо омада, аз аҳволи устодон ва ҳамқисматонашон хабар мегиранд, суҳбату вохӯриҳо мегузаронанд.

Дастурхони тарбиятгирандагони муассисаро тӯҳфаҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон, соҳибкорон зебу оро медиҳад. Умед дорем, ки сафи соҳибкорони дарёдил, ятимпарварон зиёд мегардад ва кумаки беминнати худро дар тарбияи ятимон мегузоранд. Ошхона ва ошпазони моҳир дар хизмати тарбиятгирандагони муассисаанд ва кӯдакон аз ёрии беғаразонаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ноҳия ҳамавақт бархурдоранд.

Дар хобгоҳҳои муҷаҳҳазу тозаю озодаи муассиса 112 нафар тарбиятгиранда ба таври шабонарӯзӣ ба нигоҳубин фаро гирифта шудаанд. Мураббиёни пуртаҷриба ба омӯзиши хонандагон ва риояи қонуну қоидаҳои дохилӣ назорати доимӣ мебаранд.

Ғамхории падаронаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ҳокимияти маҳаллӣ дар ҳаққи тарбиятгирандагони муассисаи мо ҳама вақт эҳсос мегардад. Ҳамин аст, ки доимо садои беғаши шогирдон саҳни муассисаро фарогир аст.

***Нуқра ҲАСЕНОВА,***
***директори Муассисаи давлатии таълимии мактаб–интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ёвон***

САЙЁҲӢ

# Сарзамини афсонавӣ ва кишвари биҳиштосо

Сатҳи замин хеле мураккаб, гуногунии обу ҳаво, хок ва шароити дигари табиат боиси боигарии фавқулодаи олами набототу ҳайвоноти Тоҷикистон гаштаанд. То имрӯз набототшиносон дар ҳудуди кишварамон 5,5-6,5 ҳазор намуди растаниҳоро муайян кардаанд, ки дар байни онҳо растаниҳои хусусияти шифобахшӣ дошта, рангдиҳанда, равғани эфирдор, ороишӣ, даббоғӣ ва ғайра кам нестанд. Кӯҳсору водиҳои Тоҷикистон маскани 84 намуди ҳайвоноти ширхӯр, 346 намуди парандаҳо, 44 намуди хазандаҳо, 2 намуди обхокиҳо, 50 намуди моҳиҳо, бештар аз 15 ҳазор намуди ҳашарот ва бисёр мавҷудоти дигар мебошанд.

Аз ҷиҳати манбаъҳои неруи об, Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Обҳои маъдании диёри офтобиамон бо хосияти шифобахшии худ мавриди баҳрабардории мутахассисони ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Ҳаёти моро бе истифодаи набототу ҳайвонот, конҳо, обу хок, ҳаво ва нуру гармии офтоб тасаввур кардан имконнопазир аст.

Бо вуҷуди аз сарватҳои табиӣ бой будани диёри азизамон, онҳоро муҳофизат намудан лозим аст. Дар акси ҳол захираи сӯзишворӣ, масалан, масолеҳи сохтмонӣ, саршумори ҳайвонот, масоҳати ҷангалу марғзорҳо кам мешавад, хок хосисияти худро гум мекунад ва обшӯй мешавад, сатҳи замин, об ва ҳаво ифлос мегардад, ки ин ба тараққиёт ва ташаккулёбии инсон ва мавҷудоти дигар таъсири манфӣ мерасонад.

Камшуморӣ ва хатари нест гардидани бисёр набототу ҳайвонот, намояндагони соҳаи ҳифзи муҳити зистро ба ташвиш овардааст. Масалан: лола, савсан, ҳолмон, наврӯзӣ, сиёҳгӯш, баҳман - бойчейчак, пиёзи анзур, кӯҳпиёз, сич, ёсуман, бунафшаи ҳисорӣ, шоҳтути бухорӣ, зирк, ревоҷ, баъзе буттаву дарахтони мевадори худрӯй ва як қатор растаниҳои дигари кӯҳсору водиҳои кишвари мо, агар ҳамаҷониба муҳофизат карда нашаванд, тамоман несту нобуд гардиданашон аз имкон дур нест. Табиатшиноси олмонӣ Эрнст Геккел бори нахуст соли 1866 истилоҳи «экология»-ро пешниҳод кардааст. Истилоҳи экология аз калимаи юнонии «ојсос - ойкос» - хона, манзил, бошишгоҳ, ҷои зист ва «logos- логос»- илм, таълимот гирифта шуда, маънояш «илм дар бораи муҳити зист» мебошад.

Солҳои охир истилоҳи экология ба маънои васеъ истифода шуда, онро барои ифодаи муҳити носолим, инчунин, ҷомеа, оила, фарҳанг ва саломатии инсон, тозагӣ ва истеҳсолот низ ба кор мебаранд.

Экология илмест, ки муносибати организмҳои зинда, (растаниҳо, ҳайвонот, микроорганизмҳо)-ро аввалан байни худ, баъдан бо муҳити сукунат ва дар охир мавқеи инсонро дар табиат меомӯзад.

Экология чун илми мустақил хеле ҷавон буда, дар асри XX ба вуҷуд омадааст, вале омилҳои таркибии асосии онро муайянкунанда аз давраҳои қадим ба инсон маълуманд. Дар солҳои охир зиёд шудани аҳолии сайёра ва таъсири он ба муҳит, ҷомеаро водор месозад, ки масъалаҳои экологиро дар зиндагии рӯзмарра ва ҳаёти минбаъдаашон ҳаллу фасл намояд. Барои қонеъ гардонидани талабот нисбат ба истифодаи обу ҳаво (оксиген) ва ғизо инсон бояд сохт, шакл ва таркиби муҳити табиатро донад, инчунин доир ба фаъолияти онҳо маълумоти мукаммале пайдо кунад. Бо ҳифз намудани табиати нотакрор ва биҳиштосои Тоҷикистони соҳибистиқлол, мо метавонем, ки ба комёбиҳои беназир ноил гардем ва диёрамонро ба макони сайёҳон ва истироҳату фароғати меҳмонони хориҷӣ табдил диҳем.

***Зуҳро РУСТАМОВА,***
***омӯзгори калони кафедраи психология, педагогика ва методикаи таълими ФМД ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд***

**Дар ноҳияи Сангвор Рӯзи байналмилалии оила ва Фестивали ҷумҳуриявии «Сад ранги чакан» баргузор гардид.**

*Баландтарин лаззат дар тани солим тафреҳи пас аз кор аст.*
*Иммануэл Кант*



## ИНСОН ВА ҲУҚУҚ

# Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва рисолати он

*Дар адабиёти вобаста ба ҳуқуқи инсон, дар низоми механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон падидаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон (Омбудсмен)-ро низ ҷудо менамоянд. Дар сатҳи оммавӣ низ вобаста ба босамар будани фаъолияти ин ниҳод дар мавриди ҳимоя ва ривоҷи минбаъди ҳуқуқҳои инсон пайваста таъкид мегардад.*

Зиёда аз ин, аз давлатҳое, ки мақсади бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандиро доранд, талаб карда мешавад, ки ин падидаи ҳуқуқиро дар қаламрави худ таъсис диҳанд. Ин ниҳод аввалин маротиба соли 1809 дар Шветсия ба вуҷуд омада, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар давлатҳои демократӣ таъсис дода шуд.

Аслан омбудсмен аз калимаи шведии «ombudsman» гирифта шудааст ва маънояш ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон буда, аз манфиати гурӯҳе дифоъ мекунад. Дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъйиноти асосии падидаи Омбудсмен ҳалли баҳсҳои мавҷуда оид ба ҳуқуқи инсон ва таъмини мувозинат байни манфиатҳои давлатӣ ва манфиатҳои инфиродӣ мебошад. Дар фарқият аз дигар механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон Омбудсмен зимни ҳалли баҳсҳо на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки принсипҳои ҳуқуқиро низ ба роҳбарӣ гирифта метавонад. Ба ҷомеаи шаҳрвандӣ фаҳмиши фитрии ҳуқуқ хос буда, ба табиати ахлоқии меъёрҳои ҳуқуқ такя менамояд. Омбудсмен имконият дорад, ки ҳатто ҳуқуқҳоеро, ки қонунан мустаҳкам нагардидаанд, ҳимоя намояд.

Тарзи ташкил, номгузорӣ ва фаъолияти падидаи Омбудсмен дар давлатҳои алоҳида ба таври гуногун сурат мегирад. Масалан, дар Британияи Кабир падидаи Омбудсмен бо номи «Вакили парлумонӣ оид ба корҳои маъмурият» ифода мегардад. Муҳлати ваколати ин сохтор номаҳдуд буда, ҳуқуқи муроҷиат ба онро танҳо вакили Парлумон дорад. Дар Ҷумҳурии Федералии Олмон, якчанд навъи падидаи Омбудсмен мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар сатҳи федералӣ «Вакили Бундестаг оид ба корҳои артиш», «Комиссияи Бундестаг оид ба арзу шикоятҳо» ва дар сатҳи заминҳо бошад, «мансаби омбудсмени ҷамъиятӣ» ва «вакили шаҳрвандон» амал мекунанд. Дар Фаронса Омбудсмен бо номи «миёнарав» ифода мегардад. Дар Исроил онро «вакили парлумонӣ» ном мебаранд.

Аз ин бармеояд, ки дар аксарияти давлатҳо падидаи ҳуқуқии мазкур таъсис ёфта, амал намуда истодааст. Моҳи апрели соли 2007 Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон – Луиза Арбур, бо мақсади шомил гардонидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори давлатҳои тадбирандеш дар самти ҳуқуқи инсон, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, то институти Омбудсменро таъсис диҳанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар Паёми ҳарсолаи худ ба Парлумон (соли 2007) ин нуқтаро таъкид намуд. Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди мазкурро дастгирӣ намуда, дар иҷрои он таъхир нанамуд. 20 марти соли 2008 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон»-ро (аз 38 модда иборат аст) қабул кард.

Қонун бо мақсади дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардида, тартиби ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод кардани ваколатдор, салоҳият ва шаклҳои фаъолияти мақомоти мазкурро барои ҳимоя ва инкишофи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон муайян менамояд. Мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилот, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати панҷ сол таъйин мегардад. Ба вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 35 кам набуда, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, сифатҳои баланди касбӣ ва ахлоқӣ мебошад, таъйин карда мешавад.

Вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат ба:

а) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) баркарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;

в) такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

г) баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он;

д) ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

е) рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маълумотро аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин, шаҳрвандони алоҳида, воситаҳои ахбори омма ҷамъ ва таҳлил менамояд.

*Сафарҳон ВОҲИДОВ,*
*магистри Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

## ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

# Фаъолияти маҳфилҳо тақвият меёбад

*Фаъолияти муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳияи Фархор шоистаи таҳсин аст. Сарварии муассисаро 4 сол боз бонуи кордону бомаърифат Гулчаҳон Тоҷиддинова ба уҳда дорад.*

Дар хусуси бурду бохти муассиса дар соли таҳсили 2021-2022 мавсуф иброз дошт, ки бинои асосии муассисаи таҳсилоти иловагӣ аз маркази ноҳия берун ҷойгир шуда бошад ҳам, машғулиятҳо дар маҳфилҳо мунтазам гузаронида мешаванд. Айни ҳол дар муассиса 14 маҳфили ҳунаромӯзию таълимӣ фаъолият дорад, ки ба онҳо 14 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи 490 нафар хонанда машғул мебошанд. Ба сабаби аз маркази ноҳия дур будани муассиса фаъолияти баъзе аз машғулиятҳои маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимии № 1,10,12 ва 29 дар як баст аз рӯи реҷаи муайян, ташкил карда шудаанд. Фаъолияти маҳфилҳои бофандагӣ, гулпарварӣ, рассомони ҷавон, хониши бадеӣ, омӯзиши компютерӣ, кишваршиносӣ ва забони англисӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Роҳбарони маҳфилҳои мазкур, хонандагонро асосан ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва касбу пешаи дилхоҳашон ҷалб менамоянд. Бояд қайд намуд, ки сол то сол сафи аъзои маҳфилҳо меафзояд ва сифати таълиму тарбия низ бехтар мегардад. Самти дигари фаъолияти муассисаи таҳсилоти иловагӣ, назорати фаъолияти созмонҳои хонандагон дар мактабҳо мебошад. Фаъолияти созмонҳои талабагӣ ва худидоркунии хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба низом дароварда шуда бошад ҳам, вале проблемаю мушкилоте ҷой доранд, ки ба фаъолияти мунтазами созмонҳои хонандагон монеа эҷод мекунанд. Дар 62 муассисаи таълимии ноҳия 62 созмони хонандагон таъсис дода шуда, 42%-и созмони хонандагон бо утоқҳои кории алоҳида таъмин карда шудаанд. Аз тарафи роҳбарони созмонҳои хонандагон, бо мақсади тарбияи кӯдакону наврасон дар рӯҳияи ватанпарварӣ, хештаншиносӣ ва дӯст доштани диёри азиз ҷорабиниҳои зиёде гузаронида шудаанд, ки онҳо дар баланд бардоштани савияи донишандӯзӣ, малакаву маҳорат ва ҷаҳонбинии мактаббачагон аҳамияти калон мебозанд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи кории роҳбарони созмонҳои талабагӣ, директор бо мушовирони муассиса ба пайваста ба муассисаҳои таълимӣ рафта, бо мутасаддиёни созмонҳои талабагӣ дастуру семинарҳои омӯзишӣ гузаронида, онҳоро бо адабиёти методӣ таъмин мекунанд. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи роҳбарони созмонҳои талабагӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо дафтари корӣ (кабинет) таъмин мебошанд, ки ин барои гузаронидани ҷамъомадҳои фаъолони созмон ва маҳфилҳо мушкилӣ эҷод мекунанд. Камбудии асосие, ки дар кори созмонҳои хонандагон дида мешавад, ин нарасидани атрибутикаи созмонҳои талабагӣ мебошад.



## ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

# Дастовардҳои литсей

Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ, ки соли 1958 таъсис ёфтааст, бо фаъолияти пешравандаву густурдаи худ, бахри ба дараҷаи сифати нав баланд бардоштани таълиму тарбия нақши босазо мегузорад. Чунонки директори литсейи мазкур Саймукаррам Гулов иброз дошт, ин таълимгоҳ барои тайёр намудани мутахассисон соҳаҳои саноат, сохтмон ва кишоварзӣ таъсис дода шудааст. Соли гузашта литсейро 132 нафар ҷавонону духтарон хатм карда, дар радифи дипломҳои тахассусӣ соҳиби шаҳодатномаи(аттестатсия)-и маълумоти миёнаи умумӣ гардиданд. Айни ҳол дар ҳунаристон 275 нафар муҳассил аз рӯи ихтисосҳои кафшергари газию барқӣ, ҳисобдор бо донистани компютер, дӯзанда, мошинист-тракторчӣ, челонгари барқӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд. Маъмурияти литсей бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди касбомӯзии толибилмон ва мутобиқ ба бозори меҳнат тайёр намудани мутахассисони варзида, тамоми синф-кабинетҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои таҷрибавиро бо воситаҳои навини техникӣ муҷаҳҳаз гардонидааст. Бо дастгирии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш » 1 адад комбайн, плуг, дорупошак, таҷҳизоти нонпазӣ ва 4 адад мошинаи хоҷагии қишлоқ ба муассиса ворид гардидааст. Шогирдони муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ширкати фаъолона дошта, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Аз ҷумла, Бибинисо Холова, хонандаи гурӯҳи №5 дар намуди варзиши «Муай-тай» дар байни калонсолон дар Россия ширкат варзида, сазовори ҷойи аввал гардид. Бояд зикр намуд, ки дар доираи амалӣ намудани лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш» дар соли 2021 69 нафар бонувону духтарон аз оилаҳои камбизоат, яккаву танҳо ва оилаҳои дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта дар курсҳои семоҳаи бозомӯзии касбҳои ғайрирасмӣ (назоратчии барқ, тракторчӣ, челонгари таҷҳизоти барқӣ, кафшергари газию барқӣ) фаро гирифта шуда, бо идрорпулӣ таъмин гардиданд. Соли ҷорӣ 30 нафар омӯзгор аз курси бозомӯзии Донишкадаи такмили ихтисоси шаҳри Кӯлоб гузаштаанд. Бо мақсади эҳё намудани ҳунарҳои миллӣ дар литсей, дар доираи барномаи «Рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » бо ҷалби ҳунармандони халқӣ аз рӯи усули «Устоду шогирд» курсҳои семоҳаи кӯтоҳмуҳлат аз рӯи ҳунарҳои (дӯзандагӣ, адрасбофӣ, табақтарошӣ, гулдузӣ, кандакорӣ, сандуқсозӣ) ташкил карда шуданд, ки онҳоро 56 нафар хатм намуданд.

*Шариф АБДУЛҲАМИД,*
*«Омӯзгор»*

Бахшида ба Рӯзи ҷавонон дар шаҳри Бохтар Дави миллӣ доир шуд.

*Ҳар чи мегӯем, бояд ҳақиқат бошад, вале на ба ин маънӣ, ки ҳамаи ҳақиқатро бояд бигӯем.* Иммануэл Кант

«Омӯзгор» № 20, 19 майи соли 2022

КИТОБИЁТ

# Осори гаронбаҳои олими пуркор

**Дар доираи илму фарҳанги тоҷик нафароне ҳастанд, ки бо фаъолияти доманадору густурдаи хеш дар рушди илму адаби тоҷик хидмати шоиста кардаанд ва пажуҳишҳояшон ҳамчун манбаи боэътимод дар шинохти таърихи забон ва адабиёти тоҷик хидмат мекунад. Бешак, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ (30.10.1926-16.09.2012) аз ҷумлаи онҳоеанд, ки ҳастии хешро бахри дифои забону фарҳанг ва адабиёти тоҷик бахшидаанд.**

Мавсуф ҳамчун донишманди пуркор ва донандаи хуби таърихи забону адабиёти тоҷик корҳои мондагоре анҷом додаанд. Ҷамъоварии китобу мақола ва навиштаҳои ин олими барҷастаи тоҷик заҳмати зиёдро талаб мекунад. Дар ин росто, китоби нав тахти унвони «Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ» (библиографияи монографӣ. Душанбе-2021. – 316 с.) бо заҳмату талоши академик Муҳаммадюсуф Имомзода ва Ҷӯрабой Раҷабов ба нашр расид, ки дар он саҳифаи муҳими ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, номгӯи асарҳои устод М. Шакурӣ, адабиёту сарчашмаҳои илмӣ дар бораи эшонро ба таври мукаммал фаро гирифтааст. Инчунин, осор (китобҳои алоҳидаи интишоршуда, мақолаҳо, гузоришу мусоҳиба ва корҳои таҳияву таҳриркардаи олим) ва адабиёт дар бораи устод пешниҳод ва дар охири кумакфеҳристҳо оварда шудааст.

Ба таъкиди муаллифон, то таҳияи ин библиографияи монографӣ ду дастури шарҳиҳолӣ ва библиографӣ бахшида ба ин олим бо номҳои «Мухаммаджан Шукуров» (Материалы к библиографии учёных Таджикистан, 1986) ва дигаре «Осорномаи Муҳаммадҷони Шакурӣ» (2007) интишор гардиданд, ки асару мақолаҳои Муҳаммадҷони Шакурӣ ва навиштаҳои олимону адабиётшиносон ва ҳамкорону шогирдонро дар бораи ӯ то соли 2006 дар бар гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки ин библиографияи монографӣ бо тартиби муайян сурат гирифта, дар навбати аввал асарҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ, сипас. адабиёт дар бораи ӯ, баъдан рӯйхати шогирдони устод ҷой дода шудаанд ва дар охир кумакфеҳристе пешниҳод гардидааст, ки барои омӯзишу мавриди истифода қарор гирифтани навиштаҳои устод ба муҳаққиқон мусоидат мекунад. Дар китоб ҳаёт ва фаъолияти устод ба таври хронологӣ сурат гирифта, китобҳо бо мундариҷаашон пешниҳод гардидаанд ва осори то соли 2017 таълифгардидаи устод гирд оварда шудааст, ки теъдоди онҳо ба 107-то мерасад. Устод Шакурӣ бо матбуот ҳамкории қавӣ дошта, навиштаҳояшон дар нашрияҳо 740 ададро ташкил дода, ҳар як мақолаашон ҳамчун манбаи боэътимод дар шинохту муаррифии таърихи фарҳанг, забон ва адабиёти тоҷик ва намояндагони адабиёт барои муҳаққиқон хизмат мекунад. Муайян намудани солу моҳи чопи мақолаву матолиби устоди дар нашрияҳое, ки ин навиштаҳо дар саҳифаҳои онҳо ба табъ расидаанд, кори




сангину заҳматталаб аст ва ин амалро муаллифон дар сатҳи баланд анҷом додаанд.

М. Шакурӣ ҳамчун чеҳраи дурахшони илму адаби тоҷик аз обрӯю шуҳрати волое бархурдор буданд ва теъдоди навиштаҳо дар бораи фаъолият ва эҷодиёти устод низ хеле зиёд мебошад. Дар мақолаву мусоҳиба, лавҳаву очеркҳо симои Муҳаммадҷон Шакурӣ ба таври фарогир ва самимӣ офарида шудааст. Теъдоди матолибе, ки дар бораи ин шахсияти фарҳехта эҷод шудаанд, ба тасдиқи муаллифон, ба 150 адад мерасад.

Бояд гуфт, ки Муҳаммадҷон Шакурӣ соли 1955 дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ (қ. 1 ва 2)» рисолаи номзадӣ ва соли 1971 дар мавзуи «Масъалаҳои жанру услуб дар насри ҳозираи тоҷикӣ» рисолаи докторӣ дифоъ кардаанд. Аз соли 1956 узви Иттифоқи нависандагони ИҶШС ва аз соли 1987 узви пайвастаи (академик)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буданд. Дар баробари ин, шогирдон зиёде зери роҳбариву ҳидояти олими бузург рисолаи илмӣ ҳимоя ва дар рушди илму адаби тоҷик хидмати арзанда намудаанд. Устод Шакурӣ ҳамчун донишманди пуркору заҳматкаш мактаби илмии худро ба вуҷуд овардаанд ва имрӯз ин мактабро шогирдонашон такмилу густариш ва идома мебахшанд.

Ёду ёдгори донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ҷовидон бод!

***Н. ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

# Муроди мо насиҳат буду гуфтем

**Адабиёти бадеӣ ҷозибаи қавӣ дорад, бисёр дилангезу таваҷҷуҳбарангез аст ва ин ҷост, ки ҳар фарди ҳушманду зебоипараст мафтуну тасхир мекунад, бо оғуши гуворою маърифатбораш мекашад. Фаровонанд дар паҳнои таърих ононе, ки аслан шуғлу пешае дигар доштаанд, вале гаравиш ба адабиёти бадеӣ пайдо кардаанду дилбастаи он гаштаанд ва ба машғулияти тахассусиашон эҷоди бадеиро замима кардаву ба комёбӣ расидаанд ва ё ба ҳадди ақал, хумор бишкастаанд.**

Аз адабиёти тоинқилобии тоҷик (Инқилоби Октябр дар назар аст), ки дар ин боб мисолҳое фаровон ва барҷаста дорад, қатъи назар бинмуда, ин маврид далеле чанд аз адабиёти муосири тоҷик меоварем; олимони номвари тоҷик, адабиётшиносони маъруф Холиқ Мирзозода, Раҷаб Амонов, Аҳмад Абдуллоев, Расул Ҳодизода… фориғ аз шуғли ҳамешагии хеш (таҳияи мақолаву рисолаҳои илмӣ) гоҳгоҳе ба адабиёти бадеӣ рӯй овардаву ҳикояву қиссаву романҳое офаридаанд, ки аксар ҳамчун моли хуби адабиёт пазируфта шудаанд. Романи ёддоштии «Самарқанд»-и Х.Мирзозода, қиссаҳои «Пушаймонӣ» ва «Навбаҳори Чашмасор»-и Р.Амонов, қиссаҳои ҳуҷҷатии «Абулқосим Фирдавсӣ» ва «Адиб Собири Тирмизӣ»-и А.Абдуллоев, романи дучилдаи «Ситорае дар тирашаб»-и Р.Ҳодизода… ҳар кадоме дар сатҳе муайян адабиёти тоҷикро мазмуну мухтаво афзудаанд.

Имрӯз метавонем дар қатори ин олимони дилбаста ба эҷоди бадеӣ, номи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хуррам Раҳимзодаро низ ба забон орем. Ин олими пуркор солиёни зиёдест, ки дар рушди илми педагогикаи тоҷик ҳиссагузорӣ мекунад ва пайваста рисолаву мақолаҳои илмию методие менигорад, ки пурмуҳтавою судманданд ва аз ҷониби мутахассисон хуб пазируфта мешаванд. Устод Хуррам Раҳимзода нигоҳи вусъатбин дар паҳнои илми педагогика доранд ва нигоштаҳои фаровонаш бар ин далеланд. Бо ин ҳама, алоқамандии ӯ ба мавзуи оила ва оиладорӣ (фарҳангу анъанаҳои оиладорӣ, бунёди оила, нақш ва моҳияти оила дар ҷомеа, одоби аҳли оила, аркони оиладорӣ, заминаҳои тарбияи фарзандон…) бештар ба назар мерасад. Воқеан ҳам, рисолаҳои арзишманду муассири ин олими амиқназар «Оиладорӣ ҳам одоб аст», «Одоби оиладорӣ», «Одоби ҳаёти оилавӣ», «Маърифати оиладорӣ»… дар педагогикаи тоҷик сухани наванд ва илова ба аҳамияту моҳияти илмиашон дар тарғиби ташкили оилаи солим ва фароҳамоварии муҳити созгор дар оилаҳо, тарбияи шоистаи фарзандон нақши чашмгир доранд.

Устод Хуррам Раҳимзода ба адабиёти бадеӣ низ дилбаста асту осори адибони тоҷикро пайваста мутолиа мекунад ва гоҳе




худ ҳам дарак аз он медиҳад, ки дар эҷоди осори бадеӣ қобилияту маҳорат дорад. Соле чанд қабл аз ин, ӯ ин ҷанбаи фаъолияташро бо эҷоди китоби «Гардиши айём» таъкиду собит карда буд.

Ҳамакнун, олими шинохта китоби нави осори бадеияшро бо номи «Сабақҳои зиндагӣ» пешкаши хонандагон бинмудааст, ки ду қисса ва чанд ҳикояи ҳаҷвиашро фаро мегирад. Қиссаҳои «Қарз ба қиёмат намонад» ва «Ишқ он бошад…» хатти сужаи ҷолибу муассир доранду аз сатрҳои аввал таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб менамоянд ва онҳоро ба пурра мутолиа кардани асарҳо водор месозанд. Муаллиф дар заминаи образҳои зиёд ва рангин тазодҳои зиндагиро ошкору бозгӯӣ мекунад, диққати хонандагонро ба ҳодисаву рухдодҳои печидаи ҳаёт ҷалб месозад, онҳоро ба андешаву моҳиятҷӯӣ водор мекунад. Дар қиссаи «Қарз ба қиёмат намонад» теъдоди образҳо зиёд аст (Карим, Сарвиноз, Шариф, Қосим, Ҳалим, Ҳаким, Саид, Аҳмад…) ва домони воқеаҳо низ густурда. Гоҳе ҳодисаҳо хеле тезутунд мешаванд, иштирокдорон дар чорроҳа мемонанд ва барои раҳоӣ аз вартаи муҳлик талош меварзанд. Ҳодисаҳои қисса марбут ба марҳилаи нави ҳаёти тоҷикон буда, иртиботи қавӣ бо воқеият доранд. Бандубасти хати сужа, образофаринӣ, тахайюлоти бадеӣ, тасвирсозӣ… дар қиссаҳои мазкур бозгӯи онанд, ки олими дилдодаи каломи бадеъ дар арсаи адабиёт ҳаваскор нест, маҳорату таҷрибаи кофӣ дорад ва мекӯшад, ки сухан тозаву самимӣ гӯяд, навиштааш сабукбору камтаъсир набошад. Чанд ҳаҷвияе, ки дар китоб зимни боби алоҳида оварда шудааст, собит месозанд, ки ӯ дар ин бахши адабиёт ҳам дасти гиро дорад ва аз махсусиятҳои ҳаҷв ҳамчун як жанри мушкилписанди эҷоди бадеӣ огаҳманд аст.

Дар ҳаҷвиёти китоб, ки аксаран ба мавзуи мактабу маориф бахшида шудаанд, одатҳои ношоистае, чун танбаливу дурӯғгӯӣ, фиребу иғво ва фориғболӣ маззамат мешаванд.

Нигоштаҳои Х.Раҳимзода аз нигоҳи моҳияту аҳамияти тарбиявӣ шоистаи таваҷҷуҳанд. Хуб дарк мешавад, ки дар ҳама ҳолат муроди муаллиф тарғиби одоби ҳамида, накукорию хушамалӣ, даъват ба хештаншиносию эҳтироми ҳамдигар ва дар моварои ҳаводиси пурихтилофи зиндагӣ дасти ҳам гирифтан аст. (Бовар дорем, ки номи китоб низ дар иртибот ба ин муроди муаллиф муқаррар шуда). Ҳамзамон, дар қиссаву ҳаҷвиёти китоб ашхоси нотавонбину қаҷамал, бадхоҳу манфиатҷӯву ҷоҳталаб шадидан маҳкум мешаванд.

Дар китоби «Сабақҳои зиндагӣ» боби махсусе бо номи «Мақолаҳо» замима шудааст, ки ҳафт мақолаи илмию оммавии муаллифро, ки ғолибан ба мавзуи оилаву оиладорӣ марбутанд, дар бар мегирад. Ин амали олим томоман мантиқист, зеро, чунонки ишора кардем, дар меҳвари нигоштаҳои бадеии ӯ масоили пайванд ба таълиму тарбияи инсони комил қарор доранд ва қисмати «Мақолаҳо» ин ҳадафро таҳким мебахшад.

Китоби «Сабақҳои зиндагӣ» моро ба он бовар вомедорад, ки олими маъруф Хуррам Раҳимзода минбаъд низ бо осори навини бадеияш табъи хонандагонро бештар хуш хоҳад кард.

***Абдурауф МУРОДӢ,***
***«Омӯзгор»***

АРМУҒОН

# Доктринаи таҳсилоти насли бомаърифати ояндасоз

Бо чунин унвон дастури пурмуҳтавои олими намоён, доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Файзулло Шарифзода ба нашр расидааст, ки дар он дар хусуси рушди зеҳнии насли наврас, қобилияти иҷро карда тавонистани супоришҳои маърифатӣ, банизомдарории донишҳо, таҳлил ва тавсифи онҳо, ёфтани робитаҳо, қонуният, ки ҳама тавассути фикри бедор, солим, мантиқӣ, мустақилона ва эҷодӣ анҷом дода мешавад, андешаҳои судманду ҷолиб баён гардидааст. Муаллиф, аз ҷумла, таъкид мекунад, ки “сатҳи неруи зеҳнии шахсиятро асосан метавон ба ду қисм ҷудо кард: фазилат ва рушди зеҳн... Дар ҳолати муайян кардани низоми аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкили фаъолияти фикрӣ, инсон ногузир одитарин ва тадриҷан мушкилтарин асрори фикр кардан ва таҳлили фикрро барои худ кашф мекунад”.




Донишмандони пуркор Ф. Шарифзода дар китоб, инчунин, дар бораи масоили рушди бемайлони тафаккур фикрҳои илмию назариявии худро бо далелҳои муътамад изҳор намудааст.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

Дар шаҳри Душанбе масъалаи дунявият ва нақши он дар таҳкими таҳаммулпазирии динӣ баррасӣ шуд.

ЁДБУД

# Ситоишгари Ватан



Адабиёти бадеӣ ҳамчун як дастури худшиносӣ аз огози пайдоишаш то имрӯз ҳамнафаси мардум аст. Шоирону адибони бузург дар асарҳои худ гояҳои олии инсонпарваронаро тарғиб кардаанд. Дар давоми 1200 соли гузашта бо саъю кӯшиши эҷодкорон даҳҳо асари тарбиявӣ-ахлоқӣ ва бадеӣ офарида шуд. Ҷавҳари он осорро гуманизм ташкил медиҳад. Яке аз он шоироне, ки афкорашон дар тарбияи насли наврас нақши муҳим дорад, устод Лоиқ Шералӣ аст. Шеърҳои дар васфи Ватан, модар, падар, табиат ва таърих гуфтаи шоир як навъ меҳрномаи ӯ ба ҳисоб меравад, ки хонандагон аз онҳо вафодорӣ, садоқат, дурандешӣ ва одамият меомӯзанд.

Шоир дар даҳҳо шеъраш таъкид кардааст, ки Тоҷикистон ивазнашаванда аст, он умедгоҳи тоҷиконе ҷаҳон аст. Ин нуктаро бояд ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ дарк кунад, хусусан, дар замони мо, ки ба сабаби ҷаҳонишавӣ бисёриҳо Ғарбу Шаркро ҷойи истиқомати доимии худ интихоб кардаанд:

*Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,*
*Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.*
*Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман*
*Модар яктост, Тоҷикистон яктост.*

Чунин таъкиди ибратомӯз дар шеърҳои «Тоҷикистон», «Хоки Ватан», «Фарзанди деҳқон», «Равам бегоҳ лаби дарё нишинам», «Ифтихор», «Мо бахри дилшиносон», «Тоҷикистон, зи санги кӯҳсорат» ва ғайра ба назар мерасад. Муаллиф мо – хонандагонро водор мекунад, ки аз ояндаи Ватани азизи худ ва фарҳангу забонаш андеша кунем.

Ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти босуръати илму техника дунёшиносии мардумро ба куллӣ тағйир дод. Вале ин раванд ҷиҳати манфӣ ҳам дорад. Як гурӯҳ ҷавононро мо, чи дар дохили ҷумҳурӣ ва чи берун аз он забони модарии худ ва фарҳанги миллиро фаромӯш кардаанд. Ин ҳолати ногувор шоири ватандӯст ва дурандешро водор кардааст, ки ҳамзамононро худро ба бедордилӣ ва худшиносӣ хидоят намояд.

*Аз тамоми ину он гумкардагон*
*Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон*
*З–он ки гум карда забони модарӣ,*
*Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.*
*Бок не, гар доварӣ гум кардааст,*
*Ё умеди сарварӣ гум кардааст.*
*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.*

Фикри ҷолиби дигаре, ки дар шеърҳои устод Лоиқ Шералӣ талқин шудааст, омӯхтани таърих аст. Шеърҳои дар васфи устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Аҳмади Дониш, Абуалӣ ибни Сино ва шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, Хуҷанду Шероз гуфтаи шоир ҳам бисёр омӯзанда ва ибратбахш ҳастанд. Шоир таърихро беҳтарин воситаи худшиносии инсон дониста, қадр кардани онро ниҳоят зарур ҳисобидааст. Ӯ дар шеъри «Таърих гувоҳ аст», ки ба академик Бобоҷон Ғафуров бахшидааст, сулҳпарварӣ, дурандешӣ ва мавкеи баланди маънавӣ доштани миллати тоҷикро нишон додааст:

*Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне,*
*Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина*
*Бо ҳамҳамаю замзама лашкар накашидаст.*
*Алҳақ, ҳама медонаду таърих гувоҳ аст,*
*Тоҷик ҳама умр дар Машриқу Мағриб*
*Кардаст мусаххар чӣ бас иқлиму мамолик,*
*Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар,*
*Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар...*

Азбаски мо дар замони соҳибистиқлолӣ умр ба сар мебарем, тарғиби афкори ватандӯстона ва таърихӣ зарур аст. Барои Тоҷикистони озод фарзандони меҳанпараст, фидокор ва донишманд ниҳоят заруранд. Чунин фикрҳои судманду ибратбахш дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон, устод Лоиқ Шералӣ ниҳоят зиёданд. Он гуна ки худи шоир гуфтааст:

*Мо бахри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,*
*Бахри навошиносон ҷангу ҷағона ҳастем.*

**Бибикалон ОХУНОВА,**
***омӯзгори МТМУ №3, ноҳияи Айнӣ***

# Некухисолу равшандил

Устод Лоиқ Шералӣ дар баробари шоири сухангустару нотакрор будан ҳамчун инсони некухисол ва равшандил шинохта шудаанд. Тавсифи хислатҳои наҷиби одамиятро мо дар рубоӣ, дубайтӣ ва хоса, модарномаю ғазалҳояшон (ҳатто тарҷумаҳояшон) мушоҳида менамоем. Устоди вологуҳар болонишини кулли маъракаҳо буданд. Дари дилу манзили тамоми мардуми тоҷик ба рӯяшон боз буд. Баракатро аз сарҷамъӣ медиданд. Дидори ёрон барояшон ид, тӯй, хуррамӣ, шодмонӣ махсуб мееёфт. Ин байт яқин аз умқи дили шоири маҳбуб берун ҷаста буд:

*Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯӣ чашмае,*
*Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!*

Ҳамсари устод, шодравон Зебуннисо Қутбиддинова, роздони шавҳари нодирагуфтор, дар зиндагӣ ҳамдӯшу ҳамқисмат, нисбат ба сутуни хонадон гуфтаанд: «Устод бахшоянда буданд. Метавонистанд гуноҳи аз ҳад гаронро бисёр сабук бахшанд, дилсафед буданд. Бахил набошед, кӯшиш кунед, ки ба ҳама хубӣ кунед», -мегуфтанд.

Бозгӯи ростини ҳаёти шоири зиндаёди мост, ки худи устод чунин гуфта:

*Шоирему мушфиқи халқи худем,*
*Ошиқони содиқи халқи худем.*

Шоир Ҳикмат Раҳмат пахлуи дигари хислатҳои устодро ёдрас мекунад:

«…Инсоне буд бузург, хайрхоҳ ва дарёдилу дардогоҳ…» Инро наметавон инкор кард, мо худ аз хайрхоҳии устод вақти раиси Хазинаи забон буданашон, ки сонитар Бунёди забон ном гирифту боз ҳам устод Лоиқ роҳбараш интихоб шуданд, шоҳид гаштаем. Мисолҳое, ки тасдиқгари гуфтаҳои боло мебошанд, бешуморанд.

Давлати Даврон ҳамчун яке аз дӯстони содиқи устод Лоиқ Шералӣ аз ҷасорату маҳорат ва ғурури безиёни маҳбуби дилҳо дар доираи чанд ёддошту мақола бо меҳр сухан мекунад.

Профессор Карим Абдулов махсус ёдовар шудаанд: «Сарватгундорӣ, хасисӣ, мумсикӣ, ҳасодат, қасосгирӣ, ғайбат, бадбинӣ барои шодравон Лоиқ ҳаром буд.»

Ин байт як навъ баёнгари розу ниёзи устоди номвари мост:

*То он даме ки зиндаам андар талоши бахт,*
*Ашъори ман ситоиши исёни одам аст.*

На ҳар кас қодир аст, ки чунин бошад. Барои ин дили бузурги лоиқона лозим. Аз хулосаҳои маромномаи падари бузургвор аз номи нури чашмашон Ҷамшед иқтибос орем: «Вақте ки ҷоизаи «Нилуфар»-ро гирифтанд, ба ҳама хешу таборон «табаррукӣ» гӯён маблағе фиристоданд». Ана, ин аст саховат, ҳимматбаландӣ, чашмсерӣ, ки пасояндагон ва имрӯзиёнро пайи ибрат бояд бубарад. Ишора ба як шохаи тарбияи ниёгон низ нуҳуфтааст дар умқи ин рафтори саховатбор.

Ғуломсахӣ Ғайрати Афғонистонӣ дар симои Лоиқ, дар шеъру тасвиру забони нобӣ устод вориси арзандаи аҷдоду миллатро мебинад. Метавон ба умқи таркиби «шахси муҳим» гуфтани ӯ бисёр нуктаҳои зиндагии шахсӣ ва давлатӣ, махсули эҷоди устоди закиро тавзеҳ дод, ки ба он фотеҳа ба адибони умедбахш ҳамроҳ мешавад: «Ӯ вориси ҳақиқии аҷдодии мост».

Устод Лоиқ Шералӣ то вопасин нафас ба хислатҳои беҳтарини инсонӣ содиқ мондаанд. Дар ҳама ҳолат ба номашон муносиб Лоиқи дилхо буданд.

Мурочиати оқилона, орифона, дурбинонаи устод хулосаи ин нигоштаи иҷмолии мост:

*Агар, эй дӯстон, аҳли сафоед,*
*Ба дарди шоирон гар ошноед,*
*Аҷал чун чашми шоирро бипӯшад,*
*Шумо девони шеърашро кушоед.*

Ҳар тоҷики асил бояд пайваста девони ашъори устодро кушояду хонад зикри хайри эшонро кунад. Маъвои шоири бузурги миллат биҳишти анбарин бошад:

*Аз он шодам, ки баъди ман бигӯянд,*
*Замоне дар замин як Лоиқе буд.*

**Маъруфи ҲИСОМ,**
***омӯзгор***

# Зиндагӣ

**Лоиқ ШЕРАЛӢ**

*Зиндагӣ хуршед дар боми ман аст,*
*Зиндагӣ маҳтоб дар шоми ман аст.*
*Зиндагӣ ёри гуландоми ман аст,*
*Зиндагӣ Хайёми айёми ман аст.*

*Гар набошад номам аз номи Ватан,*
*Гар набошад хилқати ман сохтан,*
*Гар насӯзам дар гами шеъру сухан,*
*Зиндагӣ андешаи хоми ман аст.*

*Эй умеди зиндаи дил, зинда бош!*
*Эй гули ишқи ҷавон, пурханда бош!*
*Дар мани миранда сад оянда бош!*
*Зиндагӣ парвози пайғоми ман аст.*

*Гар набошад ишқи ту дар синаам,*
*Гар набошад ёди ту ганҷинаам,*
*Гар набошад чашми ту оинаам,*
*Зиндагӣ нафрину дашноми ман аст.*

*Гар набошад ишқи ту пайдои дил,*
*Чист дунё бе гами дунёи дил?*
*Бе тую бе ишқи ту? Эй вои дил!*
*Зиндагӣ зиндони ман, доми ман аст.*

*Карда ишқи ту ба дунё ошиқам,*
*Бо гами имрӯзу фардо ошиқам,*
*Аз замин то осмонҳо ошиқам,*
*Зиндагӣ сарҷӯши илҳоми ман аст.*

*То туро мебинаму дил равшан аст,*
*Барзахи дӯзах бароям маъман аст,*
*То насиби ман туро бӯсидан аст,*
*Зиндагӣ гулчини инъоми ман аст.*

*Ошиқӣ ҳам санъати фарзонаҳост,*
*Ҳар кӣ худро ёфт, алҳақ бефаност,*
*То дилам лабрез аз сӯзу навост,*
*Зиндагӣ осори иқдоми ман аст.*

*Зиндагӣ бе мо раҳи берафтуост,*
*Зиндагӣ бе мо шаби беинтиҳост,*
*Зиндагӣ бе дарди ишқ дарду балост,*
*Зиндагӣ коми тую коми ман аст.*

*Зиндагӣ гулшираи ҷоми ман аст,*
*Зиндагӣ орому пидроми ман аст,*
*Гарчи ҳам огозу анҷоми ман аст,*
*Зиндагӣ хушном аз номи ман аст!*

# Сайре дар шеъристони Лоиқ

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон маҳфили ширу шакар тахти унвони «Сайре дар шеъристони Лоиқ» баргузор шуд. Дар огоз Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона ибрози дошт, ки шеъри устод Лоиқ бо тозакории бешабоҳат бо растохезҳои пиндору андеша, бо суннатгароиву суннатшиканиҳои диловарона, бо ишқу ормону башорату иршодҳои шоиронаву ошиқона, бо ҷазоботи инсониву кайҳонӣ, бо пояҳову мояҳои милливу башарӣ – бо рӯҳи фотеҳи офоқгираш дили дӯстдорони сухани волоро шод кардааст. Дар идомаи маҳфил сарояндагон Саидқодир Ёқубов ва Умарҷон Қобилов бо сурудҳои дилнишини хеш бар матнҳо аз ашъори Лоиқ Шералӣ хотири иштирокдоронро болида намуданд.



**Нуъмон РАҶАБЗОДА,**
***«Омӯзгор»***

**Омӯзгори ҷавони ДМТ Мавлуда Давлатмамадова дар Форуми 15-уми ихтироъкорони ҷаҳон соҳиби медали тилло ва диплом гардид.**

*Ҳангоме ки шарм аз миён меравад, зиндагӣ арзиш надорад.*
*Иммануэл Кант*

«Омӯзгор»
№ 20, 19 майи
соли 2022

ОЛИМОНИ МО

# Муҳаққиқ ва устод

Гузашти рӯзгор собит намудааст, ки арзишу мартабаи шахс дар ҷомеа бар пояи амалҳои шоистаи ӯ муайян карда мешавад. Устод Неъматулло Ҳикматуллоев аз зумраи ҳамин гунаи инсонҳо мебошанд. Мавсуф бо хоксориву ширинкаломӣ ва гуфтори нарм мақбули дидаву қалби кулли устодон ва шогирдони донишгоҳ мебошанд ва ҳар гоҳ сухан аз устод меравад, як инсони некбин ва маслиҳатгару меҳрубон пеши назар ҷилвагар мешавад. Мавсуф дар баробари тадрису тарбия, дар таълифу нашри осори илмӣ низ муваффақ ҳастанд ва ҳамасола маводи фарогир ва муътамаде барои хонандагон таҳия ва пешкаш мегардонанд. Н. Ҳикматуллоев бобати поку беолоиш мондани забони модариамон дар ҷамъомаду конфронсҳо борҳо таъкиду ишораҳо намуда, ҳамчун як соҳибзабон талошҳои худро равонаи нигоҳдории меъёри забони тоҷикӣ кардаанд.

Аз хислатҳои наҷиби инсонии дотсент Неъматулло Ҳикматуллоев аз устодон зиёд шунидаем ва худ шоҳиди он будаем. Эшон бо хулқу атвори наку ва хоксории хеш ба дилҳои мо роҳ ёфтаанд. Худро аз зумраи он шахсони хуштолеъ мешуморем, ки аз устод Н. Ҳикматуллоев илму адаб омӯхтаем ва саодатманд аз онем, ки дарси дониш, таҷриба ва зиндагиро назди устод аз бар кардаем.

Устод Н. Ҳикматуллоев ба мо дар курси аввал аз фанни имло ва талаффузи тоҷикӣ ва дар курси чаҳорум аз фанни таҳлили лингвистии матни бадеӣ дарс гуфтаанд, ки беҳтарину бештарин лаҳзаҳои хуби шиносоии мо бо меъёрҳо ва назарияву сарватҳои луғавии забон ба шумор мерафт.



Аз ҷониби устод руҷӯи сухан ба мавзуъ ғайримуқаррарӣ сурат мегирифт ва чӣ гуна ворид шудан ба мавзуи дарс бароямон норавшан буд. Яъне ҳатман як муқаддима дар атрофи мавзуи нав баён намуда, баъдан ба моҳияти асосии он таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Устод баёни бисёр шево, содаву фаҳмо доранд, меъёрҳои забони адабиро хуб риоя мекунанд.

Дарсҳои устод аз ҳар ҷиҳат омӯзанда буданд, зеро устод масъалаҳои омӯхташавандаи мавзуъро бо як муҳаббати самимӣ ва дар заминаи маводи фаровони илмӣ рӯнамо мекарданд. Паҳнои мутолиаи устод хеле васеъ буда, дар ҳама ҳолат оромона, ботамкин ва қотеона посух мегӯянд ва назарияҳоро танҳо дар асоси далоили илмӣ баён мекунанд.

Хушбахт аз онем, ки аз сабақҳои устод, аз суҳбатҳои пурмуҳтавои эшон баҳра гирифтаем ва имрӯз ҳам ҳамчун пайсипари роҳӣ илм пахлӯи устод ҳастем. Имрӯз, ки устоди азизи мо ба синни муборaки 70 қадам мегузоранд, барояшон тани сиҳату неруи бузург, саодати зиндагӣ ва офияти рӯзгорро таманно мекунем.

***Ноил МИРЗОЗОДА,***
***Рамазон САМАДЗОДА,***
***Муллоохун САФАРЗОДА,***
***докторантони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***

# Сарвари маърифатоин

Зуршо Шоев аз зумраи чунин омӯзгоронест, ки ҷавонии худро ба мактабу маориф ва таълиму тарбияи насли наврас бахшидааст. Ӯ худро бе таълиму тарбияи насли наврас ва мактабу синфхонаҳои таълимӣ тасаввур карда наметавонад. Аз овони ҷавонӣ ба ин касби заҳматталабу пуршараф дилбастагии калон дошт ва шавқу рағбату алангаи оташи меҳри омӯзгориро дар дили ӯ раҳматии қиблагоҳаш, ки омӯзгор буд, афрӯхт. Шоев баъди хатми мактаби миёнаи №10 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 1985 бо муваффақият хатм намуд. Мавсуф фаъолияти корияшро ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти руси муассисаи таълимии №12 оғоз намуд. Хислатҳои ҳамида, феълу рафтори нек, дониши баланд касбӣ ва муомилаи хуб Зуршои ҷавонро дар як муддати кӯтоҳ миёни аҳли омӯзгорони ин даргоҳ соҳибэҳтиром гардонид.



Ин буд, ки соли 1992 омӯзгорони мактаб ӯро сарвари худ интихоб намуданд. Ӯ муддати 8 сол дар вазифаи директори муассисаи таълимии №24 фаъолият ва шогирдони зиёдеро дар ҷодаи илму маърифат тарбия намуда, ба воя расонидааст. Тахти сарпарастии ӯ муассисаи таълимӣ ҳар сол саривақт аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, заминаи моддию техникии он мустаҳкам мегардид. Сатҳи донишандӯзии хонандагон сол то сол беҳтар гардида, дар озмунҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойҳои намоёнро сазовор мешаванд. Вай дар баробари фаъолияти таълимиву тарбиявӣ, инчунин, оид ба масъалаҳои мубрами соҳа, роҳҳои рафъи мушкилот ва пешрафти таълим дар деҳоти баландкӯҳ пешниҳодҳои мушаххас ба мақомоти маҳаллӣ намудааст. Фаъолияти пурсамари устод З.Шоев дар ҷодаи таълиму тарбия бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шудааст.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

ТОЗАНАШР

# Дастури пурарзиши педагогӣ

Омӯзиши афкори ниёгон ҳамеша барои камолоти маънавии инсонҳо мадраки зиёде дода, ба худшиносии онҳо замина мегузорад. Бо истифода аз чунин осор олимони шинохтаи педагогикаи тоҷик И.Давлатшоев, Қ.Давлатзода, Ш.Рӯзиева бо номи «Асосҳои педагогии тарғиб ва ҳифзи мероси маънавии таърихи пурифтихори халқи тоҷик миёни наврасону ҷавонон» дастури методие таълиф намудаанд, ки басо пурмуҳтавост. Муаллифон таъкид бар он кардаанд, ки донистани мероси ниёгон, махсусан, паҳлуҳои худшиносӣ ва азбар кардани таърихи гузашта, амалӣ намудани ҷиҳатҳои хосаи педагогии андешаи гузаштагон барои имрӯзиён низ аз манфиат холӣ нест.

Дастур ба ташаккули камолоти насли наврас дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои маънавии афкори педагогии ниёгон, ҳаллу фасли масоили мубрами рӯз дар пешбурди оини дурусти зиндагӣ, фарогирии мактаббачагон ба таълим ва ба фаъолияти фароғатию истироҳатӣ дар давраи тобистон бахшида шудааст. Он барои самарабахш намудани фаъолияти фароғатию истироҳатӣ ва солимгардонии кӯдакону наврасон тавсияҳои муносиб пешниҳод менамояд.

***Ҳ. ҲОМИД, «Омӯзгор»***




ЗАҲМАТҚАРИН

**Устод Мамараҷаб Буронов табиатан эҷодкор ва навовар буда, ҳамеша дар ҷустуҷӯву такопӯст.**

Илми физикаро дӯст медорад ва пайваста таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ ин илм нақши муҳим мебозад. Донандаи ин фан натанҳо ба ҳодисаю воқеаҳои табиат хубу дақиқ сарфаҳм меравад, балки онҳоро ба фоидаи аҳли ҷомеа истифода мебарад. Пешравии истеҳсолот ва афзуншавии неъматҳои моддиро беш аз ҳамаи дастовардҳои илми физика таъмин месозад.

# Собитқадам



Мамараҷаб Буронов соли 1952 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат), дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ӯ соли 1968 мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро бомуваффақият хатм намуда, ҳамон сол ба факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил мешавад ва онро соли 1973 бо ихтисоси омӯзгори физика хатм мекунад. Фаъолияти густурда ва талошҳои мутахассиси ҷавонро ба назар гирифта, масъулини шуъбаи маорифи шаҳри Ваҳдат ӯро муовини директори МТМУ №67 оид ба корҳои тарбия таъйин менамоянд. Омӯзгори бомаҳорат ин вазифаро то соли 1979 бо сари баланд иҷро мекунад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Буроновро ба вазифаи методисти калони Маркази таълимию методии ҷумҳуриявӣ даъват менамояд. Ӯ дар ин вазифа бо камоли масъулият кор карда, махсусан, дар нашри дастурҳои методӣ ба комёбиҳо мерасад ва дар байни ҳамкорон эҳтироми хоссаро соҳиб мегардад.

Соли 1981 ба уҳдаи М.Буронов иҷрои вазифаи муовини директор оид ба таълими МТМУ № 67-и ноҳияи Ваҳдат вогузор мешавад.

Шогирдони зиёде ба шарофати ин устоди соҳибтаҷриба ба омӯзиши фанни физика бештар меҳр бастанд ва фатҳи қуллаҳои дониш намуданду тадриҷан ба мартабаҳои баланд соҳиб шудаанд. Иштироки фаъоли хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ гувоҳи заҳматҳои шабонарӯзии омӯзгор мебошанд.

Бо пешниҳоди шуъбаи маорифи шаҳри Ваҳдат таҷрибаи Мамараҷаб Буроновро ҳамчун омӯзгори пуртаҷриба ва тозакор сармутахассиси шуъбаи маорифи шаҳр Насрулло Мукаррамов мавриди омӯзиш қарор додааст.

Меҳнати софдилона, муносибати ҳалимона, маҳорату истеъдод ва санъати баланди педагогии устод М.Буроновро ба эътибор гирифта, ӯро соли 1996 директори МТМУ №67, шаҳри Ваҳдат таъйин менамоянд.

Ӯ низоми таълими босалоҳиятро дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорияш мунтазам ва ба таври густурда истифода мебарад. Кабинети таълимие (аз физика) оростааст, ки ба талаботи замон пурра ҷавобгуй мебошад ва бо таҷҳизоти замонавии лабораторӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Ҳар як дарси устод намунавӣ буда, талаботи рӯзро пурра фарогир мебошад. Устод яке аз аввалинҳо шуда, дар микёси мактабҳои шаҳри Ваҳдат усулҳои фаъоли таълимро корбаст кардааст. Дар дарсҳои худ аз усулҳои сезинагии таълим васеъ истифода карда, аз методҳои тадқиқотии таълим кор мегирад.

Мамараҷаб Буронов соли 2016 то ба имрӯз дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии коркунони соҳаи маориф ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ- риёзӣ фаъолият дорад. Шунавандагон аз маърӯзаю тафсилоти ӯ хеле қаноатманд, зеро ҳамеша ба умдатарин масоили таълиму тарбия диққат медиҳад. Баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор, ҳалли масъалаҳои физикавӣ, тарзу усулҳои самарабахш иҷрои корҳои амалию лабораторӣ, усулҳои фаъоли таълим дар маркази тавзеҳоти маърӯзаҳои ӯянд.

Барои фаъолияти босамараш дар соҳаи маорифи кишвар омӯзгориаш устод бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо нишони "Аълочии маорифи ҶТ" қадрдонӣ шудааст.

Ба устоди арҷманд, собиқадори маориф, Мамараҷаб Буронов умри бардавом, идомаи фаъолият ва хушиҳои рӯзгорро таманно дорем.

***Теша САЛОҲОВ,***
***Корманди шоистаи Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф***

СИМО

# Ҳамеша сарбаланду шод бошӣ!

Омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №55–и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Нозигул Хайруллоева ҳам байни ҳамкорону шогирдон ва ҳам байни волидон соҳибэҳтиром аст. Доир ба фаъолияти омӯзгории ӯ тариқи телевизиони тоҷик борҳо намоишҳои ҷолибу ибратбахш пахш шудааст.

Н. Хайруллоева дар қатори шогирдони дигараш ба набераи мо Анӯшервон Миров 3 сол боз таълиму тарбия медиҳад. Ман, бибии Анӯшервон, борҳо ба дарсҳои ин омӯзгори варзида иштирок намудам. Н.Хайруллоева ҳар як дарсро бо маҳорати баланди омӯзгорӣ баргузор мекунад ва ба талабагон бо забони фаҳмою лафзи ширин ҳарф мезанад, бо меҳру муҳаббати самимӣ муносибат мекунад. Ӯ дар дарсҳо аз усулҳои муосири таълим, аёният ва бозиҳои таълимӣ васеъ истифода мебарад.

Шогирдонаш дар озмунҳои фаннӣ пайваста иштирок мекунанд ва дар сафи ғолибон ҷой мегиранд. Анӯшервон низ дар қатори фаъолон аст. Ӯ дар яке аз озмунҳои байналмилалӣ иштирок намуд. Дар



озмун аз фанҳои математикаю забони модарӣ ҷойи ифтихорӣро сазовор гардид ва бо ифтихорнома мукофотонида шуд.

Барои заҳматҳояш дар таълиму тарбияи фарзандамон мо аз Нозигул Хайруллоева беҳад сипосгузорем. Дар фаъолияти омӯзгорию эҷодии ӯ комёбиҳо орзу менамоем.

*Ҳамеша сарбаланду шод бошӣ,*
*Зи қайди дарду ғам озод бошӣ.*

***Ҳидоят ШАЙМУРОДОВА,***
***сокини шаҳри Душанбе***

**30 майи соли равон дар шаҳри Душанбе иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум баргузор мегардад.**

# Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

**Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус:**

- муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус – 1 ҷой (категорияи 2), маоши мансабӣ 2256,80 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ - 1124,70 сомонӣ.

**Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ:**

- мутахассиси пешбари раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ - 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ - 1124,70 сомонӣ;

**Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:**

- сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – 1 ҷой (категорияи 1), маоши мансабӣ - 2746 сомонӣ;

**Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак:**

- муовини сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак - 1 ҷой (категорияи 2), маоши мансабӣ 2256,80 сомонӣ;

**Раёсати илм ва инноватсия:**

- мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсия - 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ - 1124,70 сомонӣ;

**Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:**

- мутахассиси пешбари раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ - 1124,70 сомонӣ.

**Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ:**

- сардори шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ - 1 ҷой (категорияи 3), маоши мансабӣ – 2056,20 сомонӣ.

**Шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм:**

- сардори шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм 1 ҷой (категорияи 3), маоши мансабӣ 2056,20 сомонӣ.

**Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**

- сармутахассиси шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ - 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ 1380 сомонӣ;

**Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ:**

- сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ - 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ - 1380 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ - 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ - 1124,70 сомонӣ.

**Шуъбаи сифати таҳсилот:**

- сардори шуъбаи сифати таҳсилот - 1 ҷой (категорияи 3), маоши мансабӣ – 2056,20 сомонӣ.

**Шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро:**

- мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро - 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ – 1124,70 сомонӣ;

Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали тарифӣ пардохт карда мешавад.

**Талабот ба довталабон**

**Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:**

-ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинигардида;
-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 4х6);
-тарҷумаи ҳол;
-нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
-маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038;
-маълумотнома аз ВКД (оид ба доғи судӣ)
-нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
-маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
-нусхаи шиноснома;
-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Талаботи тахассусӣ барои ишғолкунандагони мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ**

**1.Талаботи тахассусӣ барои мансаби муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**2.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсус:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ё гуманитарӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**3.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисосҳои гуманитарӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**4.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сардори раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси гуманитарӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**5.Талаботи тахассусӣ барои мансаби муовини сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**6.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсия:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси гуманитарӣ, техникӣ ё табиӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**7.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**8.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сардори шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);

**9.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сардори шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);

**10.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сармутахассиси шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ ва ё молиявӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);

**11.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);

**12.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**13.Талаботи тахассусӣ барои мансаби сардори шуъбаи сифати таҳсилот:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**14.Талаботи тахассусӣ барои мансаби мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорати иҷро:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси филологӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ё гуманитарӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ ё электронӣ қабул карда мешаванд.**

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад-13А, телефон: 221-37-65, 227-67-07, факс: 221-70-25, суроғаи электронӣ: kadr@maorif.tj, сомона: www.maorif.tj**

***Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм***

*Кор волотарин лаззати зиндагист.*
*Иммануэл Кант*



ЭЪЛОН

# Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки Ҷумҳурии Беларус барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ 5 бурсияи таҳсилӣ дар зинаи бакалавр, 2 бурсияи таҳсилӣ барои зинаи магистратура ва 1 бурсияи таҳсилӣ барои зинаи аспирантура аз рӯи ихтисосҳои муайян дар соли 2022-2023 ҷудо намудааст.**

Довталабоне, ки хоҳиши таҳсил дар муассисаҳои олӣ ва илмии Ҷумҳурии Беларусро доранд, метавонанд то санаи 10.06.2022 барои иштирок дар озмуни бурсияҳои мазкур худро дар Маркази барномаҳои байналмилалӣ ба қайд гиранд.

**Суроға шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 47**
**(назди Алиф Сармоя). Телефон барои тамос: 2-23-23-59**

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмун**

1. Нусхаи шиноснома
2. Нусхаи нотариалии тасдиқшудаи шаҳодатномаи таваллуд
3. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот: аттестат ё маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи хатмкунандаи синфи 11.
4. Нусхаи диплом бо замимаҳояш (барои дарёфти зинаи магистр)
5. Маълумотномаи тиббӣ 086 ё 036 ва ВИЧ СПИД
6. Маълумотномаҳо аз диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ
7. Сертификати забонҳои хориҷӣ (TOEFL/IELTS ва ғайра дар ҳолати мавҷуд будан)
8. Дастовардҳои довталаб (дипломи дараҷаи 1,2,3,) сертификат, медал, ифтихорнома ва ғайра дар ҳолати мавҷуд будан)
9. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат
10. Нусхаи шиносномаи падару модар
11. Маълумотнома аз ҷои кори падару модар (дар ҳолати муваққатан бекор будани волидайн аз шуъбаи шуғли аҳолии ҷойи истиқомат пешниҳод намудани маълумотнома)
12. Сурати ранга 3х4 (4 дона)

| № | Ихтисосҳо | Донишгоҳ | Зинаи таҳсил | Ҷойи ҷудогардида |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Технологияҳои самараноки энергетикӣ ва идоракунии энергия | Донишгоҳи давлатии технологии Беларус | Бакалавр | 1 |
| 2 | Биоэкология | Донишгоҳи давлатии Полск | Бакалавр | 1 |
| 3 | Кори табобатӣ | Донишгоҳи давлатии тиббӣ Беларус | Мутахассис | 1 |
| 4 | Кори табобатӣ | Донишгоҳи давлатии тиббии Гродненски Беларус | Мутахассис | 1 |
| 5 | Технологияҳои иттилоотии системаи молиявию кредитӣ | Донишгоҳи давлатии Полск | Бакалавр | 1 |
| 6 | Технологияҳои инноватсионӣ дар металлургия | Донишгоҳи давлатии технологии Беларус | Магистратура | 1 |
| 7 | Информатика ва технологияҳои барномасозӣ | Донишгоҳи давлатии Гомел ба номи Ф.Скорин | Магистратура | 1 |
| 8 | Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф | Донишгоҳи давлатии Мозир ба номи П.Шамякина | Аспирантура | 1 |

# Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки Ҷумҳурии Қазоқистон дар соли таҳсили 2022-2023 барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ аз рӯи илмҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, муҳандисӣ, саноатӣ, меъморӣ ва сохтмон, кишоварзӣ ва биоресурсҳо, санъат ва аз рӯи равияи гуманитарӣ дар донишгоҳҳои бонуфузи Қазоқистон (интихоби донишгоҳ ва ихтисос озод аст) дар зинаҳои бакалавр ва магистр 100 бурсияи таҳсилӣ (80 бакалавр ва 20 магистр) ҷудо намудааст.**

**Маълумот оид ба бурсияҳои мазкур**

- Таҳсили ройгон;
- Стипендияи моҳона;
- Манзили зист;
- Пардохтҳои коммуналӣ (пардохт аз хисоби донишҷӯ);
- Суғуртаи тиббӣ (аз ҳисоби донишҷӯ);
- Роҳкиро (аз хисоби донишҷӯ).

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:**

1. Нусхаи шиноснома
2. Нусхаи нотариалии тасдиқшудаи шаҳодатномаи таваллуд
3. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот: аттестат ё маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи хатмкунандаи синфи 11-ум будан. Нусхаи диплом бо замимаҳояш (барои дарёфти зинаи магистр)
4. Маълумотномаи тиббӣ 086 ё 036 ва ВИЧ СПИД
5. Маълумотномаҳо аз диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ
6. Сертификати забонҳои хориҷӣ (TOEFL/IELTS, HSK ва ғайра дар ҳолати мавҷуд будан)
7. Дастовардҳои довталаб (дипломи дараҷаи 1,2,3, сертификат, медал, ифтихорнома ва ғайра дар ҳолати мавҷуд будан)
8. Маълумотнома аз ҷои истиқомат
9. Нусхаи шиносномаи падару модар
10. Маълумотнома аз ҷои кори падару модар (дар ҳолати мувақатан бекор будани волидайн аз шуъбаи шуғли аҳолии ҷои истиқомат пешниҳод намудани маълумотнома)
11. Сурати ранга 3х4 (4 дона)

Инчунин, ба таваҷҷуҳи довталабон расонида мешавад, ки қабули ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмун то 20.05.2022 давом меёбад.

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 47**
**(назди Алиф Сармоя). Телефон барои тамос: 2-23-23-59**

**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Сафорати Япония дар Тоҷикистон барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи «MEXT» аз рӯи зинаҳои бакалавр, коромӯз ва миёнаи касбӣ (коллеҷ) бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо намудааст.**

Довталабон метавонанд тафсилоти бештаро аз сомонаи зерин дастрас намоянд: https://www.tj.emb-japan.go.jp/.../cultureandeducation.html

## ЛИТСЕЙ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТИ РАВИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**барои қабули хонандагон ба синфҳои 5-ум дар соли таҳсили 2022-2023 озмун эълон мекунад.**

Дар литсей омӯзиш бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) сурат мегирад. Фанҳои дақиқ ва гурӯҳи фанҳои иқтисодӣ бо забони англисӣ омӯзонида мешаванд.

Таълимгоҳ бо омӯзгорони пуртаҷриба, синфхонаҳои замонавӣ, шабакаи фаъоли интернет, хобгоҳ ва варзишгоҳи муҷаҳҳаз таъмин мебошад. Хонандагон бо маҳфилҳои фаннӣ фаро гирифта мешаванд ва бо се вақт хӯроки гарм таъминанд. Фаъолияти онҳо ҳамеша зери назорат ва роҳбарии мураббиёни ғамхору болаёқат аст. Хонандагони литсей мунтазам дар озмунҳои ҷумҳуриявию ҷаҳонӣ ширкат меварзанд. Нишонӣ: ш.Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, 41 (наздикии бозори «Саховат»).

**Тел.:(+99237) 231-99-00, 231-84-25.**

**Бақайдгирии хоҳишмандон то 29.05.2022, аз соати 08:00 то 16:00 идома меёбад (рӯзҳои шанбе – то соати 13:00, якшанбе-истироҳат).**

**Озмун барои қабул ба литсей рӯзи 29.05.2022 баргузор мешавад.**

**Шитобед, вақт кам мондааст!**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0062115 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2007 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №104-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Тиллабаева Кундузхон Фархатжановна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №052687, ки онро соли 1984 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шерғозиев Ҳайдарали додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БП №412187, ки онро соли 1976 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Абдураҳмонов Нурали Хучевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0942104, ки онро соли 2021 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Абдусаломова Илоҳа Абдуғафоровна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №016749, ки онро соли 1987 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №107-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (собиқ мактаби №43-и ноҳияи Рӯдакӣ) ба Илёсова Фотима Ғоибовна додааст, эътибор надорад.

**Омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Деваштич ба ҳамкорони худ Ҷумъабой Сангинов бинобар даргузашти БАРОДАРАШ ва ба Иброҳим Сангинов бинобар даргузашти ПАДАРАШ изҳори ҳамдардӣ ва таслият менамоянд.**

МИЗИ МУДАВВАР

# Ёде аз забоншиноси шинохтаи тоҷик

Илми забоншиносии тоҷикро бе ном ва фаъолияти илмӣ – эҷодии доктори илми филология, профессори шодравон Ғаффор Ҷӯраев тасаввур кардан муҳол аст. Ин донишманди фақидро дар ҷумҳурӣ, гарчанде ки оид ба шохаҳои гуногун ва умдаи илми забоншиносӣ асарҳои зиёде таълиф намудааст, вале бештар ҳамчун олими лаҳҷа ва шевашиноси тоҷик мешиносанд. Асарҳои танҳо дар ин самт таълифнамудаи ӯ – «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» (с. 1975), «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ» (шеваи ҷанубӣ, қ. 1, с. 1999, дар ҳаммуаллифӣ), «Луғати калима ва истилоҳоти нав» (с. 2003), «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» (с. 2017), «Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева» ва «Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (с. 2017, дуи охир дар ҳаммуаллифӣ) ва ғайраро метавон намуна овард, ки дар соҳаи фавқуззикр беназиранд.

Ба хотири гиромидошти 85 – умин солгарди ин донишманди шинохта дар «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо иштироки олимону донишмандони соҳа ва пайвандони олими маъруф дар мавзуи «Саҳми Ғаффор Ҷӯраев дар рушди забоншиносии тоҷик» мизи мудаввар барпо гардид.

Ноиби президенти АМИТ Муҳаммад Абдураҳмон, академики АТТ, доктори илми педагогӣ Муҳаммад Лутфуллозода, узви вобастаи АМИТ Ҳасани Султон, доктори илми филологӣ Шоҳзамони Раҳмон, ҳамсабақи олими фақид, Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод, номзадҳои илми филологӣ Одилҷон Алиев, Сайфиддин Мирзозода ва Носир Сабуров доир ба паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти серсоҳаву серпаҳлуи ин олими шинохта ифрози назар карданд. Андешаронии узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода дар мавзуи «Забоншиноси соҳибназар ва олими пухтакор» бештар пурмуҳтаво буд.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи хафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» тахти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, тахти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40883 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и харфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.